Пардохти андозҳо - нишонаи бофарҳангии ҷомеа

# Боҷу хироҷ

№40 (1189)

Панҷшанбе,
3 октябри соли 2019

www. bojukhiroj.tj
E-mail: boju_hiroj@mail.ru

Рӯзнома аз 26 декабри соли 1998 чоп мешавад.

МАҚОМОТИ АНДОЗИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

НАШРИЯИ КУМИТАИ АНДОЗИ НАЗДИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

ПРЕЗИДЕНТ



## Арсаи бунёдкорию созандагӣ

Сафари кории Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ- Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ноҳияи Рӯдакӣ

с. 2-3

# Хариди назоратӣ - омили бартараф намудани камбудиҳо




НАМУДҲОИ АНДОЗ

## Аксиз чӣ гуна андоз аст?

Маълумоти муфассал дар бораи аксизҳо

с. 4

## Вазъи гузариш ба шакли электронӣ

Гузариш ба тартиби электро- нии пешниҳоди эъломияҳои андоз - тақозои замон

с. 6

5 ОКТЯБР - РӮЗИ ЗАБОНИ ДАВЛАТӢ

## Забон - хишти аввали кохи миллат

Имсол ба мақоми давлатӣ гирифтани забони тоҷикӣ 30 сол пур мешавад. Ҳарчанд дар назди таърих ин муддати хеле кӯтоҳ аст, вале дар ин айём дар мавриди корбурди забони тоҷикӣ дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёти иҷтимоию сиёсӣ таҷрибаи муайян ҳосил гардид. Забони тоҷикӣ имрӯз вазифаи таърихии худро, беҳтар ба иҷро расонида истодааст.

с.8

# Андозсупорандагони беҳтарини соли 2019 муайян гардиданд

**2-юми октябри соли равон дар доираи омодагиҳо бахшида ба «Рӯзи соҳибкорон», ки ҳамасола 14-уми октябр таҷлил карда мешавад, дар меҳмонхонаи “Ҳайатт Реҷенси”-и пойтахт маросими тантанавии супоридани дипломи “Андозсупорандаи беҳтарини соли 2019” ва “Ифтихорнома”-и Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба андозсупорандагоне, ки қонунгузории андозро софдилона иҷро карда, дар рушди иқтисодиёт ва қисми даромади Буҷети давлатӣ саҳми арзанда гузоштаанд, баргузор гардид.**

# Арсаи бунёдкорию созандагӣ

**Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон 25 сентябр дар доираи сафари корӣ дар ноҳияи Рӯдакӣ як қатор иншооти ҷашниро ифтитоҳ намуда, бо коргарон, муаллимону хонандагони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ вохӯриҳо анҷом доданд.**



### ҶДММ «Оҳангудозии Тоҷикистон»

Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Оҳангудозии Тоҷикистон» бо иқдомҳои созандаи Пешвои миллат ҷиҳати татбиқи бомароми ҳадафи чоруми миллӣ- саноатикунонии босуръати мамлакат, истеҳсоли маҳсулоти босифати ватанӣ ва ба роҳ мондани содироти он ба хориҷи мамлакат, таъсиси ҷойҳои нави корӣ ва бо ин васила беҳтар намудани сатҳи зиндагии аҳолӣ бунёд шуда, аз ҷиҳати иқтидори истеҳсолӣ калонтарин корхона дар ҳудуди ноҳия ба ҳисоб меравад.

Зимни муаррифӣ ба Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иттилоъ дода шуд, ки самти асосии фаъолияти корхонаи навтаъсис коркарди оҳанпора ва истеҳсоли ду намуди масолеҳи сохтмонӣ – арматур ва ноқил бо андозаҳои гуногун мебошад. Барои идора намудани дастгоҳу технологияи замонавӣ ва банду басти маҳсулоти истеҳсолшуда 150 нафар мутахассиси маҳаллӣ ба кори доимӣ ҷалб шудаанд.

Иқтидори истеҳсолии корхона дар як сол 60 ҳазор тонна арматур ва ноқил буда, сифати маҳсулот дар асоси таҳлили мутахассисон ба стандартҳои байналмилалӣ ҷавобгӯ мебошад.

Ашёи хом ба корхона қисман аз дохили ҷумҳурӣ ва хокаи кимиёвии он, аз Ҷумҳурии Қазоқистон дастрас шуда, дуди ғализи он бо истифода аз дастгоҳҳои махсус коркард ва безарар гардонда мешавад.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба сифати корҳои анҷомёфта баҳои баланд дода, дар самти амалишавии ҳадафи чоруми миллӣ- саноатикунонии босуръати мамлакат, истеҳсоли маҳсулоти ивазкунандаи воридот, ҷалби сармоя, бунёди корхонаҳои муосири саноатӣ ва таъсиси ҷойҳои нави корӣ ба роҳбарият ва масъулон дастуру ҳидоятҳо доданд.

Тавре иттилоъ дода шуд, барои бо сифати хуб истеҳсол шудани маҳсулоти корхона дастгоҳу технологияи муосир дар доираи ҳамкорӣ аз Ҷумҳурии Мардумии Чин дастрас ва васлу насб гардидааст, маҳсулоти ниҳоӣ арматур ва ноқил пас аз коркарди оҳанпора, истифодаи моддаи кимиёвӣ ва об кардан омода ва банду баст карда мешавад.

Дар саҳни корхонаи «Оҳангудозии Тоҷикистон» ба Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон маҳсулоти саноатии ноҳия муаррифӣ гардид.

Маврид ба таъкид аст, ки дар ноҳияи Рӯдакӣ дар доираи иқдомҳои созанда ба истиқболи ҷашни бузурги миллӣ – 30-солагии Истиқлолияти давлатӣ бо дастгирӣ ва тавҷҷуҳи бевоситаи роҳбарияти олии давлат ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, саҳми соҳибкорони ватандӯст ва ҷалби сармояи хориҷӣ 13 корхона бо таъсиси 300 ҷои корӣ бунёд гардид, ки ин раванд ба боз ҳам беҳтар шудани сатҳи зиндагии аҳолӣ заминаи мусоид гузошт.

Татбиқи бомароми барномаҳои давлатӣ ва бунёду барқарорсозии корхонаҳои истеҳсолӣ имконият фароҳам сохт, ки ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар ноҳия зиёд ва сатҳи иқтисодию иҷтимоии ноҳия сол аз сол беҳтару хубтар гардад.

Дар 8 моҳи соли ҷорӣ ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ 243 миллиону 300 ҳазор сомониро ташкил дод. Ин нишондод нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 46,3 фоиз зиёд мебошад.

Айни ҳол дар ноҳияи Рӯдакӣ 127 корхонаи хурду бузурги истеҳсолӣ фаъолияти пурсамар дошта, бо дарназардошти афзоиши талабот ҳаҷми истеҳсол ва номгуи маҳсулот марҳала ба марҳала зиёд карда мешавад.



### Намоиши кишоварзӣ ва гармхонаи Хоҷагии деҳқонии «Исматулло»

Аҳли заҳмати ноҳияи Рӯдакӣ наздики 30 навъи маҳсулоти гуногуни кишоварзиро, ки ҳамасола дар заминҳои зархези ин ноҳия бо истифода аз имконоту шароити мавҷуда бо усули замонавӣ парвариш карда мешавад, ба намоиш гузоштанд.

Тавре таъкид гардид, ки дар ноҳияи Рӯдакӣ 5031 хоҷагии деҳқонӣ фаъолият дорад, ки ҳамасола бо истифодаи пурсамари ҳар як қитъа замин ва тухмиҳои серҳосили зироат, дар асоси маслиҳати мутахассисони соҳа маҳсулоти фаровон ба даст меоранд.

Дар намоишгоҳ намунаҳо аз маҳсулоти кишоварзӣ, аз ҷумла картошка, пиёз, сабзӣ, карам, гулкарам, боимҷон, булғорӣ, лаблабуи сурх, турб, шалғам, каду, бодиринг, помидор, себ, нок, шафтолу, ангур, тарбузу харбуза ва ғайраро ба маърази гузоштанд.

Ба Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аснои боздид аз намоиши маҳсулоти кишоварзӣ иттилоъ дода шуд, ки ба боғу токпарварӣ низ дар ноҳияи Рӯдакӣ тавҷҷуҳи хоса дода мешавад ва аҳли заҳмат ҳамасола бо афзун намудани масоҳати боғот ҳаҷми истеҳсоли меваҳои шаҳдбори ватаниро зиёд мекунанд.

Зимни боздиди Сарвари давлат аз гӯшаи дастранҷи занбӯрпарварон таъкид гардид, ки феълан шумораи оилаҳои занбӯр дар ноҳия ба 2965 адад мерасад.

Занбӯрпарварони ноҳия соли равон 22 тонна асал ба даст овардаанд, ки нисбат ба соли гузашта зиёд мебошад.

Дар намоишгоҳ кормандони хоҷагии ҷангал низ намунаи гулу гиёҳҳои шифобахшро ба тамошо гузоштанд.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳангоми боздид барои ҳифзи олами бойю рангини табиати диёр ва ҷамъоварии бомавриди гиёҳҳои шифобахш ба масъулон дастуру маслиҳатҳои судманд доданд.

Парандапарварони ноҳияи Рӯдакӣ сол аз сол саршумори мурғро зиёд намуда, дар таъмини бозори дохилӣ бо гӯшту тухми босифати ватанӣ саҳми назаррас мегузоранд. Таъкид гардид, ки феълан саршумори паранда дар ноҳия ба 236 ҳазор мерасад.

Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни суҳбат бо парандапарварон ҷиҳати боз ҳам афзун намудани саршумори мурғ ва боло бурдани ҳаҷми истеҳсоли гӯшту тухм маслиҳатҳои судманд доданд.

Кишоварзони ноҳияи Рӯдакӣ дар таъсиси гармхонаҳои доимоамалкунанда низ таҷрибаи ғанӣ дошта, барои таъмини фаровонии бозори истеъмолӣ дар ҳама фаслҳои сол аз имконоти мавҷуда пурсамар истифода мекунанд.

Ҳангоми боздиди Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз гармхонаи Хоҷагии деҳқонии «Исматулло», ки феълан дар он парвариши бодиринг бо усули замонавӣ ба роҳ монда шудааст, иттилоъ доданд, ки масоҳати гармхонаҳои доимоамалкунанда дар ноҳияи Рӯдакӣ, дар маҷмӯъ, 20 гектарро ташкил медиҳад.

Хоҷагии деҳқонии «Исматулло» соли 2018 дар асоси дастуру ҳидоятҳои роҳбарияти олии мамлакат аз ҷониби соҳибкори ватанӣ Абдуманнаб Хусанов дар майдони 4 гектар таъсис ёфта, аҳли заҳмати он дар таъмини бозори дохилӣ бо маҳсулоти гуногун саҳми назаррас мегузоранд.

Хоҷагидорон дар мавсими дуюм аз парвариши бодиринг то имрӯз зиёда аз 80 тонна маҳсулот гирифтаанд ва умед доранд, ки боз дар ҳамин ҳаҷм маҳсулот ҷамъоварӣ ва пешниҳоди бозори истеъмолӣ намоянд.

Ба гуфти хоҷагидорон истифодаи технологияи муосир дар гармхона омили муҳими боло бурдани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот мебошад.

Ҳаводиҳӣ ва ҳавотозакунии дохили гармхона ба таври автоматӣ ба роҳ монда шудааст.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни шиносоӣ бо рафти ҳосилбандии ниҳолони бодиринг дар ин гармхона таҷрибаи кишоварзони ноҳияи Рӯдакиро дар самти ташкили гармхонаҳо намунаи ибрат арзёбӣ намуда, барои зиёд кардани масоҳати гармхонаҳои доимоамалкунанда ва ба ин васила таъмини фаровонии бозори дохилӣ дар дигар шаҳру ноҳияҳои мамлакат ба масъулон дастуру ҳидоятҳои судманд доданд.

### Нишони давлатӣ ва Парчами миллӣ дар ноҳияи Рӯдакӣ

Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳраки Сомониён дар пояи баландии 45 метр қомат афрохта, паҳнои матои он 7 метр ва дарозиаш 14 метрро ташкил медиҳад.

Баландии пояи Нишони давлатӣ, ки дар шафати Парчам сохта шудааст, 22 метр мебошад.

Дар баробари сохтмони Парчам ва Нишони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар атрофи ин ду муқаддасоти миллӣ гулу буттаҳои ороишӣ шинонида шудааст. Атрофи иншоот чароғон ва ободу

# Арсаи бунёдкорию созандагӣ



зебо карда шуда, фавворaҳо низ сохта шудааст, ки аз ин пас ҷойи сайру гашти сокинон ва меҳмонони ноҳия мешавад.

Бунёди рамзҳои давлатӣ дар доираи дастуру ҳидоятҳои созандаи Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба хотири гиромидошти муқаддасоти миллӣ сурат гирифтааст.

Лоиҳаи Парчами миллӣ ва Нишони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Тоҷмаҳал-2010» таҳия гардидааст.

Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба иҷрои корҳои сохтмонӣ баҳои баланд дода, барои боз ҳам ободу зебо намудани атрофи иншооти мазкур ба масъулон дастуру ҳидоят доданд.

Дар доираи иқдомҳои созанда ба истиқболи 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳама гӯшаву канори мамлакат корҳои созандагию бунёдкорӣ идома дорад. Бунёди парчаму нишони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар маркази ноҳия ва ба макони сайру гашти сокинон табдил ёфтани ин мавзеъ туҳфаи арзишманд ба сокинони ноҳия ва истиқболи ҷашни умумимиллӣ махсуб меёбад.

### Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии рақами 85

Иттилоъ дода шуд, ки муассисаи мазкур бо дарназардошти талаботи муосири сохтмонӣ бунёд шуда, дорои 640 ҷойи нишаст дар ду баст мебошад.

Аснои шиносоӣ ба Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иттилоъ доданд, ки муассисаи мазкур аз ҷониби соҳибкори ватанӣ Абдуҷаббор Қурбонов давоми як сол бо тарҳи зебову замонавӣ бунёд шуда, аз се ошёна иборат мебошад. Муассисаи таълимӣ дар як қисми заминҳои Муассисаи таҳсилоти миёнаи




умумии рақами 85, ки соли 1963 сохта шуда буд, бунёд гардидааст.

Дар мактаб барои таълиму тарбияи насли ояндасози ҷумҳурӣ беҳтарин шароит муҳайё карда шудааст. Тавре ба Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иттилоъ доданд, ин мактаби шакли нав бо мақсади дар сатҳи баланд ба роҳ мондани таҳсилот, 13 синфхона, аз ҷумла синфхонаҳои забони русӣ, англисӣ, забон ва адабиёти тоҷик, физика, биология, математика, химия ва технологияи иттилоотӣ бо таҷҳизоти зарурии таълим муҷаҳҳаз гардонида шудааст. Бо мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифтани мактаби мазкур ва имкониятҳои хуби таълимии он, ҳайати 25-нафараи омӯзгорони ин муассисаи таълимӣ имкон пайдо мекунанд, ки сифати таҳсилотро баланд бардошта, хонандагонро аз илмҳои замонавӣ бархӯрдор намоянд.

Зимни боздид Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба сифати корҳои сохтмонӣ баҳои баланд дода, иқдоми созандаи соҳибкори маҳаллиро шоёни таҳсин хонданд. Инчунин ифтитоҳи ин муассисаи таълимиро Сарвари давлат беҳтарин туҳфа ба хонандагон ва омӯзгорони ноҳияи Рӯдакӣ арзёбӣ карда, вобаста ба ин аз кормандони соҳаи маорифи ноҳия даъват ба амал оварданд, ки бо пуштибонӣ аз сиёсати маорифпарваронаи давлату Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар тарбияи кӯдакону наврасон ва ҷавонон саҳми арзанда гузоранд. Чунки пешрафти давлатдории миллӣ аз рушди соҳаи маориф вобастагии амиқ дорад.

Ба маълумоти масъулон, марҳалаи дуюми сохтмони Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии рақами 85 дар ноҳияи Рӯдакӣ дар ояндаи наздик шурӯъ мешавад. Тибқи лоиҳа, дар иншооти бунёдшаванда маҷлисгоҳ, толори варзишӣ, ошхона ва дигар иншооти ёрирасон ба истифода дода хоҳанд шуд.

### Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии рақами 182

Дар саҳни муассисаи навбунёди таълимӣ Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро хонандагону омӯзгорони ин боргоҳи илму маърифат гарму самимӣ истиқбол карданд.

Мавриди зикр аст, ки муассисаи нави таълимӣ дар заминаи таваҷҷуҳи хоса ва ғамхориҳои ҳамешагии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон нисбат ба соҳаи маориф ва фароҳам овардани шароити арзандаи таълим барои насли наврасу ҷавони мамлакат, бо фармоиши Дирексияи сохтмони иншооти ҳукуматии Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз тарафи Корхонаи воҳиди давлатии таъмиру сохтмони Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо тарҳи муосир ва ҷавобгӯ ба меъёрҳои байналмилалӣ сохта шудааст.

Мактаб аз се ошёна иборат буда, барои 1280 ҷойи нишаст дар ду баст бунёд гардидааст. Муассисаи таълимӣ аз 28 синфхонаи барҳаво, аз ҷумла, 4 кабинети фаннӣ: химия, физика, математика, биология, 4 синфхонаи таълими меҳнат дар алоҳидагӣ барои писарон ва духтарон, 2 синфхонаи компютерӣ, китобхона бо ду утоқи алоҳидаи китобхонӣ ва 18 ҳуҷраи ёрирасон иборат мебошад.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба сатҳу сифати корҳои сохтмонӣ дар муассиса баҳои баланд дода, аз фароҳам шудани шароити арзандаи таълим ба масъулон ва омӯзгорон ҷиҳати тарбияи дурусти насли ояндаи миллат ва дар рӯҳияи баланди ифтихори миллӣ ба воя расидани онҳо дастуру супоришҳои мушаххас доданд.

Дар ошёнаи якуми бинои муассиса ошхона мавҷуд аст, ки барои 150 ҷойи нишаст пешбинӣ гардидааст ва дар он барои хонандагон хӯрокҳои гарму болаззат пешниҳод мегардад. Барои тарғибу ташвиқи тарзи ҳаёти солим ва ба варзиш ҷалб намудани насли наврасу ҷавон дар муассисаи таълимӣ толори барҳавову муосири варзишӣ сохта шудааст, ки 240 ҷойи нишаст барои тамошобинон дорад.

Толори варзишӣ асосан барои баргузор намудани бозиҳои футболи хурд, волейбол ва баскетбол пешбинӣ гардидааст. Дар толори мазкур хонандагон имкон доранд дар рафти машғулиятҳои варзишӣ ба обу тоби бадан машғул шаванд.

Бо мақсади дар шароити зарурӣ баргузор намудани ҷамъомаду чорабиниҳои гуногуни оммавию фарҳангӣ дар муассисаи навбунёди таълимӣ толори барҳавои маҷлисгоҳ бо 185 ҷойи нишаст мавҷуд аст, ки он бо дастгоҳу таҷҳизоти зарурӣ муҷаҳҳаз мебошад.

Аснои шиносоӣ ба Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иттилоъ дода шуд, ки бо мақсади таъмини гармӣ дар фасли сармо тамоми синфхонаҳо, роҳраву ҳуҷраҳои ёрирасон ва ҳуҷраҳои кории муассиса бо шабакаи мутамаркази гармидиҳӣ муҷаҳҳаз мебошад.

Барои зебою назаррабо гардидан саҳн ва атрофи муассисаи таълимӣ майсазор карда шуда, дарахтони ҳамешасабз шинонида шудаанд, ки бо низоми муосири обёрӣ таъмин мебошанд.

Иншооти дигари ёрирасони муассиса шабакаи обрасонист, ки аз қаъри 80 метр об кашида шуда, ба муассиса интиқол дода мешавад. Барои таъмини бехатарӣ ва мушоҳидаи пайвастаи раванди таълим дар дохил ва беруни бинои таълимӣ 20 адад камераи назоратӣ насб гардидааст.

Дар саҳни муассисаи таълимӣ Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқот бо омӯзгорону хонандагон аз шароити муҳайёгардида ба омӯзгорону хонандагон дар самти истифодаи босамари имконияти фароҳамшуда, аз худ кардани барномаҳои таълимӣ, кор бо техникаю технологияи муосир ва омӯзиши забонҳои хориҷӣ ҳидоятҳои судманд доданд.

### Намоиши ҳунарҳои мардумӣ ва таомҳои миллӣ

Аҳли заҳмати 16 шаҳраку деҳоти ноҳия маҳсули дастранҷи худро ба маъраз гузоштанд.

Нахуст Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо ҳунару маҳорати баланди нонпазии кадбонувони ноҳия шинос шуданд. Сокинони ноҳияи Рӯдакӣ дар ҳама бахшу соҳаҳо бо заҳмати аҳлона ба дастоварду натиҷаҳои назаррaси меҳнатӣ ноил мегарданд.

Дар гӯшаи дигари намоишгоҳ дар дегҳои алоҳида пухтани таҳмол, далда, ду намуд ҳалво, оши палав ва дигар намуди ғизоҳои болаззат муаррифӣ гардид. Таомҳои миллии мо дар олам бо таъму лаззати ба худ хос беҳамто буда, шаҳодати соҳибтамаддун будани тоҷикон аст.

Ҳунармандони чирадасту хушсалиқаи ноҳия аз эълон гардидани Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ илҳоми тоза гирифта, ба эҳё ва рушди ҳунарҳои халқӣ, аз қабили кулолгарӣ, кандакорӣ, табақтарошӣ, оҳангарӣ, сабадбофӣ, ҷомадӯзӣ, кашидадӯзӣ, либосҳои миллӣ ва амсоли ин камари ҳиммат бастаанд. Рушди соҳаи сайёҳӣ дар мамлакат ва таваҷҷуҳи бештари сайёҳони хориҷӣ ба давлати мо ҳунармандони чирадасти ноҳияро водор кардааст, ки барои сайёҳон армуғонҳои зебову дилкаш омода созанд.

Дар маҷмӯъ, дар намоиши маҳсулоти нонӣ таомҳои миллӣ, қаннодӣ ва ҳунарҳои мардумӣ маҳсули дастранҷи ҳунармандони бомаҳорати ноҳияи Рӯдакӣ, ки бо завқу салиқаи баланд офарида шудаанд, ба таври шоиста муаррифӣ шуд.

Таъкид гардид, ки маҳз дар замони ҷаҳонишавӣ эҳё ва рушди анъанаҳои миллӣ, ҳунарҳои мардумӣ ва ҳифзи арзишҳои бойи ниёгон метавонад миллати соҳибтамаддуну соҳибфарҳанг ва дорои таърихи куҳанро пойдору устувор нигоҳ дорад.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ҳунару маҳорати баланди аҳли заҳмати ноҳия баҳои баланд дода, ҷиҳати эҳё ва рушди ҳунарҳои мардумӣ ва муаррифии арзандаи он дар арсаи байналмилалӣ ба сокинон ҳидоятҳои судманд доданд.

# Андозсупорандагони беҳтарини соли 2019 муайян гардиданд

**2-юми октябри соли равон дар доираи омодагиҳо бахшида ба «Рӯзи соҳибкорон», ки ҳамасола 14-уми октябр таҷлил карда мешавад, дар меҳмонхонаи "Ҳайатт Реҷенси"-и пойтахт маросими тантанавии супоридани дипломи "Андозсупорандаи беҳтарини соли 2019" ва "Ифтихорнома"-и Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба андозсупорандагоне, ки қонунгузории андозро софдилона иҷро карда, дар рушди иқтисодиёт ва қисми даромади Буҷети давлатӣ саҳми арзанда гузоштаанд, баргузор гардид.**

Дар ҳошияи маросим дар мавзӯи «Мониторинги горизонталӣ» ҳамчун усули ташаккул додани муносибатҳои шариконаи мақомоти андоз бо андозсупорандагон» мизи мудаввар гузаронида шуд.

Дар чорабинии мазкур ҳайати Мушовараи Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади дастгирӣ ва ҳавасмандгардонии соҳибкорон, дар асоси омӯзиши нишондиҳандаҳои асосии фаъолияти субъектҳои хоҷагидор, аз ҷумла, таъмини иҷрои ӯҳдадориҳои андозӣ оид ба дуруст ҳисоб ва пурраву сари вақт ба буҷети давлатӣ пардохт намудани маблағи андозҳо ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ, ноил гардидан ба фоиданокии баланд дар фаъолият ва дар эъломияҳои андозӣ дуруст дарҷ намудани он, саҳми субъектҳои хоҷагидор дар рушди иқтисодиёти кишвар, ғановати буҷети давлатӣ ва дар инкишофи соҳаи иҷтимоии шаҳру ноҳияҳо 10 субъекти хоҷагидорро ҳамчун "Андозсупорандаи беҳтарини соли 2019" муайян намуд, ки онҳо дар муқоиса бо дигар субъектҳои хоҷагидор нишондиҳандаҳои беҳтар доштанд:

- *ҶСК "Сементи тоҷик";*
- *ҶДММ "Тоҷикистону Амрико корхонаи муштараки Анзоб";*
- *Бонки давлатии амонатгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон "Амонатбонк";*
- *ҶСП "Халиқ Бонк Тоҷикистон";*
- *ҶСК "Нерӯгоҳи Барқи Обии Сангтуда - 1";*
- *Муассисаи таълимии давлатии "Мактаби байналмилалии Президентӣ";*
- *ҶДММ "Мегаполис Тоҷикистон";*
- *ҶСП "Беҳдоштӣ";*
- *ҶСП "ТТ Мобайл";*
- *КВД "Тоҷикаэронавигатсия".*

Инчунин, ба 39 субъекти хоҷагидор "Ифтихорнома"-и Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон супорида шуд.

Дар қисмати баргузории мизи мудаввар муовини якуми Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Солеҳзода Аюбҷон Маъруф, муовинони Раиси Кумитаи андоз, сардорони раёсатҳои Дастгоҳи марказӣ, Нозироти андозсупорандагони калон, Нозироти андозсупорандагони миёна, роҳбарони субъектҳои хоҷагидор ва намояндагони вазоратҳои молия, рушди иқтисод ва савдо, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ ва Бонки миллии Тоҷикистон иштирок намуданд.

Зимни баррасии мавзӯъ қайд гардид, ки тибқи дастури Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои омода намудани лоиҳаи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳрири нав Гурӯҳи корӣ таъсис дода шудааст.

Гуфта шуд, ки ҳангоми омода намудани лоиҳа, идеологияи Кодекси андоз пеш аз ҳама тағйир дода шуда, муқаррароти он ба самти дастгирии андозсупорандаи бомасъулият ва ҳавасмандгардонии он, инчунин, содагардонии маъмурикунонии андоз нигаронида шавад.

Дар навбати худ, роҳбарони субъектҳои хоҷагидор барои дастгирии соҳибкорӣ ба Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон арзи сипос намуданд. Ҳамчунин, барои қадрдорнӣ шудани меҳнаташон аз ҷониби Кумитаи андоз ба роҳбарияти Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон изҳори миннатдорӣ карданд ва қавл доданд, ки минбаъд низ қонунгузории андозро риоя намуда, дар рушди иқтисоди кишвар, ғановати буҷети давлатӣ ва баланд бардоштани сатҳи иҷтимоии аҳолӣ саҳм мегузоранд.

# Аксиз чӣ гуна андоз аст?

**Ҳамкории андозсупорандагон бо рӯзномаи «Боҷу хироҷ» рӯз аз рӯз устувортар мешавад. Онҳо мехоҳанд тавассути нашрия маълумоти бештареро дар бораи андозу андозбандӣ ба даст оранд. Чунончи, як гурӯҳ андозсупорандагон ба идораи рӯзнома муроҷиат карда, хоҳиш намуданд, ки мо дар бораи андози аксиз маълумоти муфассал бидиҳем.**

**Аз ин хотир, мо бо сармутахассиси Раёсати ташкили андозбандии Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Дилшод Одинаев оид ба ин мавзӯъ суҳбате доир намудем, ки фишурдаи онро пешкаш мегардонем.**

**- Нахуст мегуфтед, ки аксиз чӣ гуна андоз аст ва киҳо супорандагони аксизҳо маҳсуб мешаванд?**

- Аксиз андози ғайримустақимест, ки ба нархи фурӯши молҳои (хизматрасониҳои) зераксизӣ дохил мешавад. Шахсони ҳуқуқӣ ва воҳидҳои алоҳидаи шахсони ҳуқуқӣ андозсупорандагони аксизҳо маҳсуб мешаванд, ки амалиётҳои андозбандишавандаро анҷом медиҳанд. Супорандагони аксизҳо инчунин, шахсони ҳуқуқӣ ва воқеии хориҷие мебошанд, ки амалиёти андозбандишавандаро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷом медиҳанд. Дар мавриди молҳои зераксизие, ки дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳисоби ашёи хоми барои коркард додашудаи фармоишгар истеҳсол мешаванд, супорандаи аксизҳо молистеҳсолкунандае мебошад, ки ӯҳдадор аст ба фармоишгар молҳои зераксизии маҳсулоти тайёрро бо нархи фурӯше, ки мутобиқи Кодекси андоз, аксизро дар бар мегирад, супорад, чунone ки ин ашёи хоми додашуда ашёи хоми молистеҳсолкунанда бошад.

**- Объектҳои андозбандӣ барои аксиз кадомҳоянд?**

- Тибқи талаботи модди 196 Кодекси андоз объекти андозбандӣ амалиёти андозбандишаванда бо молҳои зераксизӣ ва намудҳои фаъолияти зераксизии зерин мебошанд:

1) Аз ҳудуди корхона (макони истеҳсолот) берун баровардани молҳои зераксизие, ки дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон истеҳсол шудаанд, аз ҷумла:

а) таҳвили молҳои зераксизӣ, ба истиснои ҳолатҳое, ки андози аксиз барои ин молҳо пешакӣ пардохт шудааст;

б) супоридани молҳои зераксизӣ барои коркард дар асоси ашёи фармоишгар ба дигар шахс;

в) таҳвили (супоридани) молҳои зераксизие, ки маҳсули коркард аз ашёи хом ва (ё) маводи барои коркард додашуда, аз ҷумла ашёи хом ва (ё) маводи зераксизии барои коркард додашуда мебошад;

г) ба фонди (сармояи) оинномавии субъекти соҳибкорӣ дохил намудани молҳои зераксизӣ;

д) истифодаи молҳои зераксизӣ ҳангоми ҳисоббаробаркунии молӣ ва ҳангоми пардохт дар шакли аслӣ (натуралӣ);

е) фиристодани молҳои зераксизӣ аз ҷониби истеҳсолкунанда ба воҳидҳои алоҳидаи худ;

ж) фурӯши миқдори озмунии молҳои зераксизӣ ҳангоми гузаронидани расмиёти муфлисшавии андозсупоранда, агар аз рӯи молҳои мазкур дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон қаблан мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон аксиз пардохт нашуда бошад.

2) Воридоти молҳои зераксизӣ ба ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқи қонунгузории гумрукӣ.

3) Фурӯши молҳои зераксизии мусодирашуда, бесоҳиб, тибқи ҳуқуқи мерос ба давлат гузашта ва ройгон ба моликияти давлат дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон супоридашуда, агар аз рӯи молҳои зикргардида дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон қаблан аксиз пардохт нашуда бошад.

4) Истифодаи молҳои зераксизӣ барои эҳтиёҷоти истеҳсолии худ ва (ё) барои истеҳсоли молҳои дигари зераксизӣ.

5) Ҷамъкунии (комплекткунии) молҳои зераксизии дар сархати панҷуми қисми 1 моддаи 197 Кодекси андоз муайяншуда ва бегонакунии онҳо.

6) Вайроншавӣ, нобудшавии молҳои зераксизӣ.

7) Расонидани намудҳои алоҳидаи хизмат дар соҳаи алоқаи барқӣ (новобаста ба намуд ва шакли дар иҷозатномаҳо барои хизматрасонии алоқаи барқӣ қайдгардида), ки дар қисми 2 моддаи 197 Кодекси андоз муайян шудаанд.

**- Кадом намуди молҳо молҳои зераксизӣ ҳисоб мешаванд?**

- Тибқи талаботи қисми 1 моддаи 197 Кодекси андоз молҳои зераксизӣ инҳо мебошанд:

- ҳамаи намудҳои спирт, нӯшокиҳои беспирт ва спиртдор;

- тамокуи коркардшуда, маҳсулоти саноатии ивазкунандаи тамоку ва маҳсулоти тамоку;

- сӯзишвории минералӣ, ҳама намудҳои нафти хом ва маҳсулоти коркарди он, моддаҳои битуминозӣ, мумҳои минералӣ, гази моеъ;

- шина ва покришкаҳои пневматикии резинии нав, шина ва покришкаҳои пневматикии резинии барқароршуда ё пештар истифодашуда; шина ва покришкаҳои яклухт ё нимпневматикӣ, протекторҳои шинагӣ ва тасмаҳои ҳошиядори резинӣ;

- автомобилҳои сабукрав ва ҳама гуна воситаҳои нақлиёти муҳаррикдоре, ки барои кашонидани одамон пешбинӣ шудаанд;

- маҳсулоти заргарӣ аз металлҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо, инчунин қисмҳои онҳо аз металлҳои қиматбаҳо ва (ё) бо металлҳои қиматбаҳо рӯйпӯшкардашуда.

**- Манбаи андоз барои аксиз кадом аст?**

- Дар асоси қисми 1 моддаи 198 Кодекси андоз манбаи андоз оид ба андози аксиз нисбат ба моли андозбандишаванда инҳо мебошанд:

- ҳаҷми воқеии молҳои зераксизӣ;

- маблағи амалиёти андозбандишавандаи дар асоси нархи фурӯши чаканаи молҳои зераксизӣ муайяншаванда, бо тарҳи андоз аз арзиши иловашуда ва аксизҳо;

- маблағи амалиёти андозбандишавандаи ба арзиши гумрукӣ ё нишондиҳандаи ҳаҷми воқеии моли зераксизӣ асосёфта, ки мутобиқи Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон бо тарҳи андоз аз арзиши иловашуда ва аксизҳо, муайян карда мешавад;

- маблағи амалиёти андозбандишавандае, ки дар асоси нархи чаканаи мол бо тарҳи андоз аз арзиши иловашуда ва аксизҳо – ҳангоми аз ҷониби молистеҳсолкунандаи молҳои зераксизӣ ба сифати пардохт дар шакли аслӣ (натуралӣ), туҳфа додани молҳои зераксизӣ, ҳангоми ба моликияти гаравгиранда додани молҳои ба гарав мондашуда ё амалиёти мубодила, инчунин, дар асоси ройгон додани молҳои зераксизӣ.

**- Шахсоне, ки миқдори ками молҳои зераксизиро барои истеъмоли худӣ истеҳсол мекунанд ё ворид месозанд, оё аз пардохти андози аксиз озод мешаванд?**

- Дар асоси моддаи 201 Кодекси андоз ворид намудани ду литр нӯшокии спиртӣ, ду баста (400 дона) сигор, маснуоти заргарӣ ба миқдори 4 адад (бо арзиши на зиёда аз 150 нишондиҳанда барои ҳисобҳо) аз тарафи шахси воқеӣ барои истеъмоли (истифодаи) худӣ, инчунин сӯзишвории автомобил мувофиқи ғунҷоиши зарфи сӯзишвории автомобил барои шахсоне, ки ба Ҷумҳурии Тоҷикистон тавассути автомобил ворид мешаванд, аз пардохти андози аксизӣ озод мебошанд.

**- Пардохти аксизҳо кадом вақт ва чӣ гуна бояд сурат гирад?**

- Тибқи талаботи моддаи 205 Кодекси андоз ҳангоми истеҳсоли молҳои зераксизӣ аксизҳо бояд аз амалиёти андозбандишаванда на дертар аз санаи 10-уми моҳи минбаъдаи баъди моҳи анҷом додани амалиёти андозбандишаванда супорида шаванд. Инчунин, андозсупоранда ҳуқуқ надорад молҳои зераксизиро аз ҳудуди бинои истеҳсолӣ бе супоридани андози аксизии молҳо берун барорад.

**- Назорати андозии баҳисобгирии маҳсулоти зераксизиро кӣ анҷом медиҳад?**

- Дар асоси қисми 1 моддаи 206 Кодекси андоз назорати андозии баҳисобгирии ҳаҷми истеҳсол (рехтан), нигоҳдорӣ, ҳамлу нақл ва аз ҳудуди бинои истеҳсолӣ берун баровардани маҳсулоти зераксизии спиртдор, беспирт ва (ё) тамоку, ки дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон истеҳсол мешаванд, бо дарназардошти ҳамин модда мувофиқи тартиби муқаррарнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон сурат мегирад.

**- Супорандагони аксиз ҳам эъломия пешниҳод мекунанд?**

- Тибқи талаботи моддаи 208 Кодекси андоз супорандагони аксиз эъломияҳои андозро бо замима намудани ҳисобнома – фактураҳои андоз аз арзиши иловашуда ва аксизҳои қабулшуда ё ирсолшуда мувофиқи тартиб ва дар шакли муқаррарнамудаи мақомоти ваколатдори давлатӣ на дертар аз санаи 10-уми моҳе, ки баъд аз давраи ҳисоботии андоз фаро мерасад, пешниҳод менамоянд.

**- Иҷрои нақшаи аксиз дар шаҳру ноҳияҳои мамлакат дар соли гузашта ва ҳашт моҳи соли 2019 дар кадом сатҳ таъмин шудааст?**

- Тибқи маълумоти мавҷуда дар ҳашт моҳи соли 2018 нақшаи андози аксизҳо дар қаламрави ҷумҳурӣ ба андозаи 88,5 фоиз таъмин гардида, ба ҷои 119,4 млн. сомонӣ ба буҷет 105,6 млн. сомонӣ ворид шуда буд. Дар ҳашт моҳи соли 2019, нақшаи андози аксизҳо дар мамлакат ба андозаи 93,2 фоиз таъмин гардид. Ба ҷои 121,9 млн. сомонӣ ба буҷет 113,6 млн. сомонӣ ворид шуд, ки нисбат ба нақшаи пешбинишуда 8,3 млн. сомонӣ кам мебошад.

**Мусоҳиб**
**Ширинмоҳи МУҲАММАДӢ**

# Хариди назоратӣ - омили бартараф намудани камбудиҳо



**Тавре ба назар мерасад, аксари шаҳрвандон вақте дар марказҳои савдо ва бозорҳо барои эҳтиёҷоти худ молу маҳсулот харидорӣ менамоянд, на ҳамеша ба санаи истеҳсол ва мӯҳлати истеъмоли он аҳамият медиҳанд. Маҳз ин ҳолат дар аксари маврид боиси нофаҳмӣ байни харидор ва фурӯшанда мегардад. Ин аст, ки ба хотири пайдо нагардидани нофаҳмӣ байни харидор ва фурӯшанда мақомоти андоз фурӯшандаҳоро уҳдадор намудаанд, ки ба харидор аз мошини назоратӣ- хазинавии дорои хотираи фискалии бо таҷҳизоти интиқолдиҳандаи электронӣ пайваст (МНХ-и дорои ТИЭ), чипта пешниҳод намоянд ва ҳамчун ин таъкид мешавад, ки харидорон ҳатман чиптаи МНХ-ро пурсон шаванд.**

Ҳамчунин, мақомоти андоз бо мақсади пешгирии қонунвайронкуниҳои андоз дар фаъолияти андозсупорандагон дар марказҳои савдо ва бозорҳои кишвар пайваста корҳои фаҳмондадиҳӣ ва назоратӣ мегузаронанд. Яке аз чунин корҳои назоратӣ гузаронидани хариди назоратӣ ба ҳисоб меравад, ки мақсад аз ин амал боз ҳам хубтар ба роҳ мондани фаъолияти соҳибкорон ва пешгирии қонунвайронкуниҳои андоз дар мавриди истифодаи МНХ-и дорои ТИЭ мебошад.

Воқеан, мақсад аз гузаронидани санҷиши андоз, пеш аз ҳама, пешгирии қонунвайронкуниҳои андоз, бартараф намудани камбудиҳои ҷойдошта, таъмини воридоти саривақтии маблағи андози дар рафти санҷиш ошкоршуда ва анҷом додани корҳои фаҳмондадиҳӣ ҷиҳати минбаъд ба қонунвайронкуниҳои андоз роҳ надодани андозсупоранда мебошад. Анҷом додани корҳои назоратӣ яке аз самтҳои муҳим ва назарраси фаъолияти мақомоти андоз буда, бинобар ин, ҳамеша дар мадди назари роҳбарияти Кумитаи андоз қарор дорад.

Натиҷаи корҳои назоратӣ нишон медиҳад, ки ҳарчанд маданияти андозсупории андозсупорандагон нисбат ба давраҳои қаблӣ беҳтар гардидаю сатҳи қонунвайронкуниҳои андоз нисбатан коҳиш ёфтааст, аммо қонунвайронкуниҳои андоз дар фаъолияти андозсупорандагони алоҳида ҳанӯз ҳам дида мешавад.

Бо мақсади ҷоннок намудани фаъолияти мақомот дар самти гузаронидани хариди назоратӣ, мақомоти ҳудудии андоз вазифадор шудаанд, ки дар самти таъмини андозсупорандагон бо МНХ-и дорои ТИЭ ва гузаронидани хариди назоратӣ мунтазам чораҷӯӣ намоянд. Илова бар ин, кормандони шуъба ва бахшҳои хизматрасонӣ ба андозсупорандагони мақомоти ҳудудии андоз вазифадор шудаанд, ки дар фаъолияти андозсупорандагони вобасташуда пайваста хариди назоратӣ гузаронанд.

Тавре сардори шуъбаи санҷишҳои амалиётӣ ва назорати фаврӣ оид ба пешгирии қонуншиканиҳои андози Раёсати санҷиши андозҳои Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Шаҳриёр Авғонов иттилоъ дод, дар ҳашт моҳи соли 2019 мақомоти андози кишвар, дар маҷмӯъ, дар фаъолияти 2676 андозсупоранда ба маблағи 10123,4 ҳазор сомонӣ хариди назоратӣ гузаронида, аз ин маблағ 7224,2 ҳазор сомонии он ба буҷет таъмин шудааст. Шумораи харидҳои назоратии дар ҳашт моҳи соли ҷорӣ гузаронидашуда, назар ба ҳамин давраи соли 2018 -ум 328 адад ва ба маблағи 2096,9 ҳазор сомонӣ зиёд мебошад.

Тибқи маълумот дар ин давра аз тарафи Дастгоҳи марказии Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 403 адад ба маблағи 1785, ҳазор сомонӣ гузаронидаю дар ин асос протоколҳои маъмурӣ тартиб дода шуда, 1360,1 ҳазор сомонии он ба буҷет пардохт шудааст. Дар ин давра аз ҷониби Раёсати андоз дар шаҳри Душанбе ва нозиротҳои он 354 хариди назоратӣ ба маблағи 1542,9 ҳазор сомонӣ, вилояти Суғд 898 хариди назоратӣ ба маблағи 2922,1 ҳазор сомонӣ, вилояти Хатлон 436 хариди назоратӣ ба маблағи 1653,7 ҳазор сомонӣ, Нозироти андозсупорандагони калон (НАК) 63 хариди назоратӣ ба маблағи 216 ҳазор сомонӣ ва Нозироти андозсупорандагони миёна (НАМ) 255 хариди назоратӣ ба маблағи 979,5 ҳазор сомонӣ гузаронида шуда, қисми зиёди маблағҳо ба буҷет пардохт гардидааст.

Кормандони мақомоти андоз, ҳамчунин, дар шаҳру ноҳияҳои Шоҳмансур 56 хариди назоратӣ ба маблағи 186,2 ҳазор сомонӣ, Исмоили Сомонӣ 33 хариди назоратӣ ба маблағи 161,7 ҳазор сомонӣ, Фирдавсӣ 68 хариди назоратӣ ба маблағи 220 ҳазор сомонӣ, Сино 53 хариди назоратӣ ба маблағи 185,7 ҳазор сомонӣ, Ҳисор 49 хариди назоратӣ ба маблағи 200,2 ҳазор сомонӣ, Шаҳринав 14 хариди назоратӣ ба маблағи 75,9 ҳазор сомонӣ, Файзобод 17 хариди назоратӣ ба маблағи 82,5 ҳазор сомонӣ, Турсунзода 42 хариди назоратӣ ба маблағи 132 ҳазор сомонӣ, Рӯдакӣ 96 харидӣ назоратӣ ба маблағи 336,7 ҳазор сомонӣ, Ваҳдат 23 хариди назоратӣ ба маблағи 97,9 ҳазор сомонӣ, Хуҷанд 85 хариди назоратӣ ба маблағи 255,2 ҳазор сомонӣ, Бобоҷон Ғафуров 40 хариди назоратӣ ба маблағи 103, 4 ҳазор сомонӣ, Бӯстон 21 хариди назоратӣ ба маблағи 48,4 ҳазор сомонӣ, Исфара 73 хариди назоратӣ ба маблағи 297,6 ҳазор сомонӣ, Конибодом 53 хариди назоратӣ ба маблағи 143 ҳазор сомонӣ, Зафаробод 17 хариди назоратӣ ба маблағи 40,6 ҳазор сомонӣ, Кӯҳистони Масчоҳ 32 хариди назоратӣ ба маблағи 83,6 ҳазор сомонӣ, Ҷаббор Расулов 32 хариди назоратӣ ба маблағи 72,6 ҳазор сомонӣ Бохтар 26 хариди назоратӣ ба маблағи 83,6 ҳазор сомонӣ, Абдураҳмони Ҷомӣ 18 хариди назоратӣ ба маблағи 57,2 сомонӣ, Қубодиён 14 хариди назоратӣ ба маблағи 51,7 ҳазор сомонӣ, Ёвон 22 хариди назоратӣ ба маблағи 107,2 ҳазор сомонӣ, Кӯлоб 12 хариди назоратӣ ба маблағи 44 ҳазор сомонӣ ва НАМ-и Суғд 98 хариди назоратӣ ба маблағи 379,5 ҳазор сомонӣ гузаронидаанд.

Аммо бо вуҷуди таъкидҳои пайвастаи роҳбарияти Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ба роҳ мондани корҳои фаҳмондадиҳӣ дар самти гузаронидани хариди назоратӣ, фаъолияти мақомот дар самти назорати истифодаи МНХ, аз ҷумла бо роҳи гузаронидани хариди назоратӣ аз ҷониби нозиротҳои андози баъзе аз шаҳру ноҳияҳо қаноатбахш нест. Яъне дар баробари он ки дар шаҳру ноҳияҳои зикргардида хариди назоратӣ гузаронидаанд, ҳастанд шаҳру ноҳияҳое, ки дар он ҳамагӣ як хариди назоратӣ гузаронида шудааст Аз ҷумла, дар шаҳру ноҳияҳои Лахш ҳамагӣ 1 хариди назоратӣ, Тоҷикобод 1 хариди назоратӣ, Варзоб 4 хариди назоратӣ, Нуробод 2 хариди назоратӣ, Сангвор 1 хариди назоратӣ, Шаҳристон 4 хариди назоратӣ, Дӯстӣ 2 хариди назоратӣ, Шаҳритус 3 хариди назоратӣ, Данғара 2 хариди назоратӣ, Ховалинг 4 хариди назоратӣ, Муъминобод 1 хариди назоратӣ, Шамсиддин Шоҳин 1 хариди назорат ва Балҷувон 1 харидӣ назоратӣ гузаронида шудааст. Нозироти андоз дар ноҳияи Темурмалик дар ин давра ягон хариди назоратӣ нугазронидааст.

Ин ҳам дар ҳолест, ки аз ҷониби шуъбаи санҷишҳои амалиётӣ ва назорати фаврӣ оид ба пешгирии қонуншиканиҳои андози Раёсати санҷиши андозҳои Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба гузаронидани харидҳои назоратӣ ва пешниҳоди саривақтии ҳисобот ба мақомоти ҳудудии андоз барқияномаҳо ирсол карда шудааст. Тибқи барқияномаҳо мақомоти ҳудудии андоз вазифадор гардида буданд, ки дар як моҳ на кам аз 5 адад хариди назоратӣ гузаронанд.

Бо мақсади тақвият бахшидан ва беҳтар кардани самаранокии гузаронидани харидҳои назоратӣ мақомоти ҳудудии андоз вазифадор шудаанд, ки бо риояи талаботи муқаррароти Кодекси андоз ва мактубҳои супоришии Кумитаи андоз дар фаъолияти андозсупорандагон хариди назоратӣ гузаронанд. Аз ин рӯ, камбудиҳои дар самти гузаронидани корҳои назоратӣ ҷойдошта давра ба давра ислоҳ ва самаранокии фаъолият беҳтар карда шавад. Инчунин, соҳибкоронро зарур аст, ки ҳатман аз МНХ-и дорои ТИЭ истифода намоянд ва ба қонуншиканиҳои андоз роҳ надиҳанд. Чунки надодани чипта аз ҷониби фурӯшанда ва ё нодуруст ворид намудани маълумот ба МНХ-и дорои ТИЭ боис мешавад, ки мақомоти андоз дар фаъолияти фурӯшанда хариди назоратӣ гузаронанд.

**М. ҶУМЪА**

## НАЛОГИ ЗА РУБЕЖОМ

# Трамп пообещал среднему классу новое снижение налогов

Президент США Дональд Трамп пообещал среднему классу новое снижение налогов.

«Мы объявим этот план в следующем году. Это будет очень, очень существенное снижение налогов для людей со средним доходом, которые так напряженно работают», - заявил Трамп, выступая в Балтиморе перед сторонниками и конгрессменами-республиканцами. Трансляцию вел телеканал C-SPAN.

В 2017 году Трампу уже удалось добиться изменений в налоговом законодательстве, которые привели к снижению подоходного налога для большинства категорий граждан. Также был снижен налог на прибыль корпораций.

Трамп начал выступать практически одновременно с дебатами претендентов на выдвижение в президенты от Демократической партии, которые проходят в Хьюстоне.

**https://ria.ru**



# Вазъи гузариш ба шакли электронӣ



**Гузариш ба тартиби электронии пешниҳоди эъломияҳои андоз тақозои замон ва мувофиқ ба талаботи стандартҳои байналхалқии хизматрасонӣ ба андозсупорандагон мебошад.**

Ҳамзамон, амалиётҳои ҳисоб ва пардохти андозҳои дар ҳисобварақаҳо дарҷшаванда шахсан зери назорати андозсупоранда қарор дода шуда, пайдоиши изофапулӣ, бақияпулиҳои беасос ва ҳолатҳои коррупсионӣ сари вақт пешгирӣ карда мешавад. Аз ин рӯ, дар заминаи татбиқи амалии Барномаи рушди маъмурикунонии андоз ва қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3-юми январи соли 2010, ҳанӯз санаи 26-уми январи соли 2013 Фармоиши Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ба роҳ мондани тартиби пешниҳоди эъломияҳо ва ҳисоботи андоз аз тарафи андозсупорандагон ба тариқи электронӣ ба тасвиб расида буд.

Чи тавре ки ба мо аз Нозироти андози ноҳияи Бобоҷон Ғафурови вилояти Суғд иттилоъ доданд, ба санаи 1-уми сентябри соли 2019 аз 1257 адад шахси ҳуқуқӣ бо дарназардошти намояндагиҳо ва воҳидҳои алоҳида 947 адад ё худ 75 фоизашон ба тартиби пешниҳоди эъломияҳои андоз дар шакли электронӣ гузаштаанд, ки баробар ба 75 фоизи теъдоди умумии онҳо мебошад. Аммо ҷараёни гузариши соҳибкорони инфиродии тибқи шаҳодатнома фаъолияткунанда ва хоҷагиҳои деҳқонӣ ба тартиби пешниҳоди эъломияҳои андоз дар шакли электронӣ дар ноҳия ба талабот ҷавобгӯ нест. Зеро то ба имрӯз аз 1 ҳазору 598 нафар андозсупорандаи тибқи шаҳодатнома фаъолияткунанда ҳамагӣ 749 адад эъломияҳои андози худро ба мақомоти андоз дар шакли электронӣ пешниҳод менамоянд, ки 48,0%-ро ташкил медиҳад. Аз 6 ҳазору 314 адад хоҷагии деҳқонии ноҳия то ҳол ҳамагӣ 3 ҳазору 418 адад ё худ 55 фисадашон ба ин шакли пешниҳоди эъломияҳои андоз гузаштаанд.

Аз маълумоти оморӣ бармеояд, ҷараёни гузариши андозсупорандагони ноҳияи Бобоҷон Ғафуров ба шакли электронии пешниҳоди эъломияҳои андоз имрӯз мувофиқи мақсад нест. Тибқи маълумоти шуъбаи Суғдии КВД «Маркази барномасозии маъмурикунонии андоз»-и Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба санаи 1-уми сентябри соли 2019, дар маҷмӯъ, наздик 60 фоизи андозсупорандагони вилояти Суғд ба тартиби пешниҳоди эъломияҳои андоз дар шакли электронӣ гузаштаанду халос. Пас лозим аст оид ба аҳамият ва муҳимияти гузариш ба шакли электронии пешниҳоди эъломияҳои андоз бо андозсупорандагон силсилаи семинар-машваратҳо доир карда шаванд. Зеро, гузариш ба пешниҳоди электронии эъломияҳои андоз, пеш аз ҳама, сарфаи вақти андозсупорандагон ва ҳам кормандони мақомоти андоз мебошад.

**Тоҳирҷон ИСКАНДАРЗОДА,**
**вилояти Суғд**

**ШАҲРВАНДОНИ МУҲТАРАМ!**

БА МАЪЛУМОТИ ШУМО МЕРАСОНЕМ, КИ РОҶЕЪ БА МАСЪАЛАҲОИ АНДОЗ ВА АНДОЗБАНДӢ МЕТАВОНЕД АЗ СОМОНАИ КУМИТАИ АНДОЗ **WWW.ANDOZ.TJ** ВА БАРОИ ГИРИФТАНИ ПОСУХ АЗ БАХШИ ИТТИЛООТИИ (КОЛЛ-СЕНТР) **151** ИСТИФОДА НАМОЕД.

Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Яке аз самтҳои афзалиятноки фаъолияти мақомоти андоз дар баробари амалӣ намудани корҳои назоратӣ ин дар сатҳи зарурӣ ба роҳ мондани хизматрасонӣ ба андозсупорандагон мебошад. Имрӯз дар ин самт мақомоти андоз тавонист як қатор корҳои назаррасро ба анҷом расонад.**

# Пешгирии қонуншиканиҳо

Бояд тазаккур дод, ки яке аз вазифаҳои асосии мақомоти андоз дар амал татбиқ намудани корҳои назоратӣ ба ҳисоб меравад. Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон имрӯз мусоидат карда истодааст, ки андозсупорандагон бо ҳисси масъулиятшиносӣ уҳдадориҳои андозии худро таъмин намоянд.

Мутобиқи талаботи моддаи 19 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон, яке аз уҳдадориҳои асосии андозсупоранда (агенти андоз) дар он зуҳур меёбад, ки онҳо бояд уҳдадориҳои андозро сари вақт ва дар ҳаҷми пурра иҷро намоянд. Дар баробари ин, дар Кодекси андоз бо мақсади дастгирии фаъолияти соҳибкории хурду миёна, ки ба рушди иқтисодиёт мусоидат мекунанд, як қатор имтиёзҳо ва сабукиҳои иловагӣ пешбинӣ шудаанд.

Раванди корҳои таҳлилӣ ва назоратии Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон дода истодааст, ки мутаассифона, як гурӯҳи муайяни андозсупорандагон аз ин сабукӣ ва имтиёзҳои андозӣ суистифода намуда, ба пинҳонкунии манбаъҳои андозбандӣ, пурра ва сари вақт пардохт накардани андозҳо, дуруст ва ба таври пурра нишон надодани натиҷаҳои фаъолияти иқтисодии худ ва умуман, беқайд дар мақомоти андоз машғул гардидан ба фаъолияти соҳибкорӣ даст зада истодаанд.

Ин аст, ки Гурӯҳи корие, ки дар асоси Амрномаи Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади бақайдгирии пурра ва назорати иҷрои талаботи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ» аз 19.05.2019, №508, қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тасдиқи Қоидаҳои андозбандии соҳибкорони инфиродие, ки дар асоси патент ва ё шаҳодатнома фаъолият менамоянд» аз 31.08.2012, №451, назорати иҷрои талаботи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи тартиби истифодаи МНХ – и дорои хотираи фискалӣ" тахти №210 аз 02.05.2013, санҷиши дурустии ҳисоб ва пардохти андозҳо, муайян намудани шумораи коргарони кироя, дарёфти манбаъҳои нави андозбандӣ ба КВД "Бозори Меҳргон" сафарбар гардида буд, як қатор камбудиҳо ва қонуншиканиҳои соҳаи андозро муайян ва ошкор намуд.



Тавре роҳбари Гурӯҳи корӣ -мутахассиси пешбари Раёсати санҷиши андозҳои Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Диловар Мирзоев гуфт, бо мақсади иҷрои талаботи фармоиши мазкур аз тарафи Гурӯҳи корӣ ҳудуди КВД "Бозори Меҳргон" мавриди дислакатсияи пурра қарор дода шуда, муайян гардидааст, ки дар бинои мазкур 760 адад соҳибкор дар мағозаю растаҳои савдои ба иҷора гирифташон ба фаъолияти соҳибкорӣ машғул мебошанд, ки аз ин 146 адад ё худ 19,2 % - аш бе қайд дар мақомоти андоз ба фаъолияти соҳибкорӣ машғул гардидаанд.

Дар давраи фаъолият Гурӯҳи корӣ 95 соҳибкорро дар қайди давлатӣ гузошта, барои пардохти саривақтии андозҳо уҳдадор намудааст. Аз ин шумора 85 адади онро ҳамчун соҳибкори инфиродии тибқи патент фаъолияткунанда ва 10 адади дигарро ҳамчун соҳибкори инфиродии тибқи шаҳодатнома фаъолияткунанда ба қайди давлатӣ гирифтаанд.

Ҳамзамон, 23 ҳолати аз ҷониби андозсупорандагон бидуни насби мошини назоратӣ-хазинавӣ (МНХ) ба фаъолияти соҳибкорӣ машғул гардидани онҳо ошкор гардид. Дар натиҷаи корҳои фаҳмондадиҳӣ дар фаъолияти 13 нафари онҳо МНХ – и дорои таҷҳизоти интиқолдиҳандаи электронӣ (ТИЭ) насб гардидааст.

Гурӯҳӣ корӣ нисбати 26 андозсупорандае, ки талаботи қонунгузории андозро вайрон намудаанд, бо дастрасии моддаҳои 603[1], 614, 615 ва 617 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба маблағи 47300 сомонӣ протоколҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ тартиб додааст, ки аз ин ҳисоб 27 150 сомониаш ба буҷет ворид шудааст.

Манбаъ гуфт, ки ҳамчунин, фаъолияти 11 андозсупоранда, ки дар асоси талаботи қонунгузории андоз ба ҳуҷҷатҳои соҳибкорӣ доштаашон мутобиқат намекарданд иваз карда шуд, ки дар натиҷаи чунини мутобиқгардонӣ ба маблағи 13 500 сомонӣ андози иловагӣ ошкор ва ба буҷет ворид карда шудааст. Дар баробари ин бақияи қарзи 13 андозсупоранда, ки маблағи умумии 15300 сомониро ташкил медод, бо роҳи гузаронидани корҳои назоратӣ ва фаҳмондадиҳӣ ба буҷет руёнида шудааст.

Хулоса, чуноне ки санҷиши амалиётии андоз нишон дод қонунвайронкуниҳои андоз, асосан, аз бемасъулиятии баъзе аз андозсупорандагон ба вуқӯъ омадааст. Ин шаҳодат медиҳад, ки фарҳанги андозсупории бархе аз андозсупорандагон дар сатҳи паст қарор дошта, муқаррароти қонунгузории андоз аз ҷониби онҳо риоя намегардад. Аз ин рӯ, ҳар як андозсупорандаро зарур аст, ки масъулият эҳсос кунад ва қонунгузории андозро дуруст риоя намояд.

**Маҳҳаб ҶУМЪА**




# Забон - унсури муқаддаси миллӣ

**Имсол ба мақоми давлатӣ гирифтани забони тоҷикӣ 30 сол пур мешавад. Ҳарчанд дар назди таърих ин муддати хеле кӯтоҳ аст, вале дар ин айём корҳои муайяне анҷом пазируфтанд ва дар корбурди забони тоҷикӣ дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёти иҷтимоию сиёсӣ таҷрибаи муайян ҳосил гардид. Забони тоҷикӣ имрӯз вазифаи таърихии худро, беш аз пеш, беҳтар ба иҷро расонида истодааст. Дар Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳам, чун дигар соҳаҳои ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва илмию фарҳангии мамлакатамон, талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон»-ро хуб риоя карда истодаанд. Вобаста ба ин бо сардори маркази такмили ихтисоси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Акбар Ҳалимхонов суҳбате доштем, ки онро пешниҳод мекунем.**

**- Доир ба татбиқи муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мақомоти ҳудудии андоз чӣ чораҳо андешида мешаванд?**

- Албатта, Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мақомоти ҳудудии он дар ВМКБ, вилоятҳои Хатлону Суғд, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ ҷиҳати татбиқи муқаррароти қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи забони давлатӣ тамоми чорабиниҳои зарурииро пайваста меандешанд. Зеро вожаҳои "забони давлатӣ" ва «истиқлолияти давлатӣ» вожаҳоеанд, ки бо якдигар алоқаи ногусастанӣ доранд, онҳоро дар ҳамбастагӣ бе якдигар тасаввур кардан номумкин аст. Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон забони тоҷикиро ҳамчун чароғи роҳнамои худшиносиву худафрӯзии миллат муаррифӣ намуда, дар бораи ҳифзи забони миллат чунин фармудаанд: «Барои он ки номи миллат дар саҳифаҳои таърихи башарӣ ҷовидон бошад, миллат бояд чароғи роҳнамои худшиносиву худафрӯзии худ, яъне забонро ҳифз кунад ва онро ҳамчун волотарин арзиши миллӣ ба наслҳои оянда поку беолоиш ва равону ширин ба мерос гузорад».

Мақомоти андози кишвар дар таъмини иҷрои муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва барномаҳои давлатии рушди забони тоҷикӣ, ки аз ҷониби Ҳукумати мамлакат қабул гардидаанд, то имрӯз корҳои мушаххасро роҳандозӣ намудаанд. Аз ҷумла, ҳамчун нишони арҷгузорӣ ва эҳтиром ба забони давлатӣ дар дастгоҳи марказии Кумитаи андоз комиссияи ҷамъиятӣ доир ба татбиқи забони давлатӣ таъсис додашудааст, ки фаъолияти он дар асоси нақшаи чорабиниҳои ҳар сол тасдиқшаванда самаранок ба роҳ монда мешавад.

Воқеан, бо фармоиши Раиси Кумитаи андоз аз 24 январи соли 2019 таҳти №24 ҳайати нави комиссияи ҷамъиятӣ таъсис ёфта, нақшаи чорабиниҳо барои соли 2019 тасдиқ гардид.

Бояд гуфт, ки тибқи бандҳои дахлдори нақшаи чорабиниҳо дар сатҳи доимӣ ҳамгунсозии истилоҳоти соҳавӣ, ҳуҷҷатҳои махсус, муҳосибӣ ва оморӣ идома дода шуда, омӯзиши забони давлатӣ ва Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ дар машғулиятҳои тахассусӣ, ҳамзамон ба воситаи саҳифаҳои рӯзномаи «Боҷу хироҷ» ташкил карда шудааст. Инчунин, дар доираи таъмини муқаррароти моддаи 17 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» мукотиба бо андозсупорандагон пурра бо забони давлатӣ сурат гирифта, тамоми лавҳаю овезаҳо ва номи воҳидҳои сохторӣ дар даромадгоҳи биноҳои маъмурии мақомоти андоз бо забони давлатӣ навиштаю ҷойгир карда шудаанд.

Дар бахши «Қонунгузорӣ»-и сомонаи Кумитаи андоз дар номгӯи ҳуҷҷатҳое, ки дар коргузории соҳаи андоз истифода мешаванд, аз ҷумла Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, кодексҳои андоз, гражданӣ, ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ, мурофиаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ, ҷиноятӣ, гумрук, меҳнат ва замин, инчунин қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, фармонҳо ва амрҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, созишномаҳои байналмилалӣ, дастурамалҳои тартиби ҳисоб ва пардохт намудани андозҳо, бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ ҷой гардидаанд. Ҳамзамон, дар саҳифаҳои рӯзномаи «Боҷу хироҷ» доир ба қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ пайваста маводи омӯзишӣ ба чоп расонида мешаванд. Дар Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамаи номгӯи барномаҳои компютерии «Системаи иттилоотии андоз» пурра ба забони давлатӣ таҳия ва ҷорӣ карда шудаанд.

Инчунин, тибқи талаботи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 августи соли 2004 таҳти №330 «Дар бораи стандартҳои рамзгузорӣ ва ҷобаҷогузории алифбои тоҷикӣ дар саҳфакалиди (клавиатураи) компютерии стандарти UNICODE барои истифодабарии компютерӣ» тамоми саҳфакалидҳои компютерҳои дар мақомоти андоз истифодашаванда бо алифбои тоҷикӣ мувофиқ гардонида шудааст.

Боиси қаноатмандӣ аст, ки фаъолияти комиссияи ҷамъиятӣ оид ба татбиқи забони давлатӣ дар дастгоҳи марказии Кумитаи андоз дар соли 2018 аз ҷониби Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мусбӣ арзёбӣ шуда, комиссия бо Сипоснома қадрдонӣ гардид.

**- Ба фикри шумо, кормандони мақомоти андоз забони давлатӣ-тоҷикиро дар сатҳи зарурӣ медонанд? Кормандон оё меъёри забони адабии тоҷикиро дуруст риоя мекунанд?**

- Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти мамлакат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷиҳати омӯзиши васеи забони давлатӣ ва забонҳои русӣ ва англисӣ чунин фармудаанд: «Зарур аст, ки дар ҳама зинаҳои таҳсилот ба омӯзиши забони давлатӣ таваҷҷуҳи аввалиндараҷа дода, дар баробари ин донистани ҳатмии ду забон, бахусус забонҳои русӣ ва англисиро ҷорӣ намоем». Ҳамин дастури Пешвои муаззами миллат аст, ки дар Кумитаи андоз ба омӯзиши забони давлатӣ ва дар баробари он ба омӯзиши забонҳои русию англисӣ низ диққат дода мешавад.

Дар Маркази такмили ихтисоси Кумитаи андоз ҷиҳати ба омӯзиши забони давлатӣ фаро гирифтани кормандони соҳа пайваста машғулиятҳо гузаронда мешаванд.

Қайд кардан лозим аст, ки ҳайати кадрии кормандони мақомоти андоз доимо аз ҳисоби хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти олии кишвар – ҷавонони лаёқатманд ва донандагони хуби забони давлатӣ ва забонҳои хориҷӣ, ки тариқи озмун ба кор қабул карда мешаванд, пурра мегарданд. Дар озмунҳое, ки дар Кумитаи андоз доир мегардад, донистани забони давлатӣ ба эътибор гирифта мешавад Аз ишғолкунандагони мансабҳои маъмурии хизмати давлатӣ, ки ҳамчун довталаби ба комиссияи озмунии Кумитаи андоз ҳуҷҷат месупоранд, аз забони тоҷикӣ ҳатман диктант гирифта шуда, ҳангоми баҳои мусбӣ гирифтан аз он ба даври дуюми озмун роҳхат дода мешавад.

**- Дар поку беолоиш нигоҳ доштани забони тоҷикӣ, ба андешаи шумо минбаъд чӣ бояд кард?**

- Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар яке аз баромадҳояшон бахшида ба Рӯзи забони давлатӣ чунин таъкид карданд: «Забон хишти аввалини кохи миллат аст. Таърих гувоҳ аст, ки агар забони миллӣ аз байн равад, миллат ҳам тафаккури миллии худро аз даст дода, оқибат завол меёбад. Умри миллат ба умри забон вобаста аст». Аз ҳамин лиҳоз, ҳар нафаре, ки меҳр ба Ватан дорад ва моҳияти суханони Пешвои муаззамро дарк менамояд, бояд дар татбиқи муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» саҳмгузор бошад.

Мехоҳам махсус қайд намоям, ки барои мо - хизматчиёни давлатӣ ва тамоми сокинони кишвар суханрониҳои Президенти кишвар ба муносибати Рӯзи забон бояд як китоби рӯимизие бошад, ки аз дурдонаҳои он барои ғанӣ гардонидани махзани маърифатию фарҳангии хеш пайваста баҳра бардорем. Вобаста ба ин, пешниҳод менамоям, ки омӯзиши он дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, олии касбӣ ва донишкадаҳову марказҳои такмили ихтисоси вазорату идораҳо ҳамчун фанни алоҳида барои хонандагон, донишҷӯён ва шунавандагон ҷорӣ карда шавад. Ҷиҳати пурра гардонидани захираи луғавиамон бештар асарҳои классикони адабиёти форсу тоҷик, инчунин, китобҳои бадеиро мутолиа намуда, бо забони адабии тоҷикӣ гуфтугӯ кунем.

**Мусоҳиб М.УСМОНОВА**

## НАЛОГИ ЗА РУБЕЖОМ

# В России ввели акцизы на вейпы и все электронные сигареты

**Госдума РФ приняла в третьем, окончательном, чтении поправки, которые вводят акциз на устройства для нагревания табака. Кроме того, акциз будет взиматься со всех электронных сигарет, а не только с одноразовых.**

С 1 января 2020 года будут взимать акциз со всех электронных сигарет. Пока что этот косвенный налог берут только с одноразовых изделий. В текущем году ставка равнялась 48 рублям за штуку.

Теперь же налогом будут облагаться все электронные системы доставки никотина. Кроме того, впервые вводится акциз на устройства для нагревания табака.

При этом налог будет расти по сравнению с ныне действующим для одноразовых устройств. В 2020 году он составит 50 рублей за штуку, в 2021 году - 52 рубля, в 2022 году - 54 рубля. Акциз на жидкость для электронных систем в 2020 году составит 13 рублей за 1 мл, в 2021 году - 14 рублей, в 2022 году - 15 рублей за 1 мл.

https://rg.ru



# Ҳолати андозбандии ширкатҳои мусофиркашонии такси

Имрӯз дар соҳаи нақлиёти мусофиркашонии вилояти Суғд ширкатҳои гуногуни хизматрасонии такси фаъолият доранд. Бино ба маълумоти Нозироти андози шаҳри Хуҷанд дар мақомоти андоз чанд ҷамъият ва соҳибкорони инфиродии тариқи шаҳодатнома фаъолияткунанда ба қайди давлатӣ гирифта шудаанд, ки ба мусофиркашонии таксӣ машғуланд. Ин ширкатҳо андози содакардашуда ва андози иҷтимоиро ба буҷети давлатӣ пардохт менамоянд.

Соҳибкори инфиродӣ Акрамҷон Азаматов, аз ҷумлаи ҳамин гуна соҳибкорон буда, дар шаҳри Хуҷанд ширкати хизматрасонии мусофиркашонии таксиро бо номи «Такси 24» таъсис додааст. Ин соҳибкор дар мақомоти андоз аз 20-уми феврали соли 2017 ба қайди давлатӣ гирифта шуда, тибқи шаҳодатнома фаъолият менамояд. Ба туфайли фаъолияти ин ширкати хизматрасонии такси қариб 80 нафар мушовир (оператор) ва ронандаҳо бо ҷои кори доимӣ таъмин карда шудаанд. Дар ҳашт моҳи соли ҷорӣ ширкати мусофиркашонии «Такси 24» ба буҷети давлатӣ 25 ҳазор сомонӣ маблағи андозҳоро пардохт намудааст.

Ширкати дигари хизматрасонии таксиро бо номи «Максим» дар маркази вилояти Суғд соҳибкор Сӯҳроб Ниёзов ташкил намудааст. Ин ширкати мусофиркашонии такси низ аз соли 2017 инҷониб фаъолият дорад. Шумораи кормандони ширкат ва ҳам ронандагоне, ки бо он ҳамкорӣ доранд, ба 200 нафар расидаанд. Аз ҳисоби фаъолияти Ширкати хизматрасонии таксии «Максим» дар ҳашт моҳи соли 2019 ба буҷети давлатӣ 40 ҳазор сомонӣ маблағи андозҳо ворид гардидааст.

Дар мақомоти андози шаҳри Хуҷанд ҶДММ «Умеди Суғд» ва ҶДММ «Мушовир» низ ҳамчун ширкатҳои хизматрасонии такси ба қайди давлатӣ гирифта шудаанд. Дар ҳамин давраи соли 2019 ба буҷети давлатӣ ҶДММ «Умеди Суғд»-13 ҳазор сомонӣ ва ҶДММ «Мушовир» зиёда аз 14 ҳазор сомонӣ маблағи андоз супоридааст.

Албатта, рушди фаъолияти соҳибкорӣ ба нафъи давлат мебошад. Бо дарназардошти ин нукта, фаъолият ва ташаббусҳои созандаи соҳибкорони мамлакатамонро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, шахсан Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамаҷониба дастгирӣ менамоянд. Сардори давлат пайваста бо соҳибкорони ватанӣ суҳбату мулоқот ороста, ба ҳалли мушкилоту муаммои кори онҳо мусоидат менамоянд. Дар навбати худ соҳибкорон ҳам кӯшиш намуда истодаанд, ки дар ободии Ватани азизамон ҳиссагузор бошанд.

**Тоҳирҷон ИСКАНДАРЗОДА,**
**вилояти Суғд**

**НАЛОГИ ЗА РУБЕЖОМ**

## Правительство Украины собирается начать снижение налогов

**При этом правительство страны стремится как можно эффективнее тратить «каждую копейку налогоплательщика»**

Кабмин Украины не собирается в будущем увеличивать налоги для населения, а наоборот, планирует постепенно их снизить, сообщил во время пресс-конференции премьер-министр страны Алексей Гончарук, пишет ТАСС.

«Это правительство не намерено повышать налоги для того, чтобы наращивать доходы, это неправильный путь. Налоги нужно постепенно уменьшать, но делать их равными для всех, потому что неправильно, когда налоги высокие, а платит их незначительная часть бизнеса, должны от этого отойти», — заявил он.

По его словам, правительство стремится как можно эффективнее тратить «каждую копейку налогоплательщика».

**Источник: http://taxpravo.ru**

Рисолати муҳими олимони кишвар поку бегазанд нигоҳ доштани забони давлатӣ, густариши доираи истифодаи он, суфтаву ғанӣ гардонидани забони адабӣ, тоза нигоҳ доштани забони муошират, эҳёи фарогири забони илмии тоҷикӣ, арҷгузорӣ ба арзишҳои таърихиву фарҳангӣ, ба ҷаҳониён муаррифӣ намудани дастовардҳои ниёгони мо, ки дар ғанисозии тамаддуни ҷаҳонӣ саҳми босазо гузоштаанд, соҳибӣ намудани мероси онҳо ва мубориза бо таҳрифгарони таърихи пурифтихори халқамон мебошад.

**Эмомалӣ РАҲМОН**

# Забон - хишти аввали кохи миллат

Боиси ифтихор аст, ки ҳамчун рамзи арҷгузорӣ ба забони тоҷикӣ ҳамасола 5-уми октябр Рӯзи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар саросари кишвар ҷашн гирифта мешавад. Ҷашн намудани ин рӯз, бо ибораи дигар, нишонаи худшиносию худогоҳӣ ва ифтихор аз таъриху тамаддун ва ҳувияти миллӣ ба ҳисоб меравад. Аз ин рӯ, мо онро амсоли дигар муқаддасоти миллӣ гиромӣ медорем.

Забони тоҷикӣ, ба гумони бандa, дар арсаи олам шуҳрату эътибори хос дорад. Гуфтан бамаврид аст, ки маҳз тавассути забон ҳувияти миллии мо ҳифз мешавад. Ҳеҷ аз ёдам нарафтааст, ки ҳини мактабхониамон боре як нафар хонанда дар тахтаи синф калимаеро хато навист. Сипас, дигар ҳамсинфон эрод гирифтанд, ки калима нодуруст навишта шудааст. Аммо ӯ ҷои ислоҳ намудан забондарозӣ карда гуфт, ки ман забоншинос нестам!



Худ қазоват кунед, магар танҳо забоншиносон бояд имлову тарзи дурусти гуфторро риоя кунанд? Ҳаргиз! Балки худшиносу худогоҳ бояд буд. Вазифаи ҳар яки мо аз он иборат аст, ки забони модариамонро ҳифз намоем ва ба насли оянда поку беолоиш расонем. Донистани қоидаи имлои забони тоҷикиро барои худ ҳам фарзу ҳам қарз шуморем.

Мутаассифона, баъзан лавҳаю овезаҳоеро дар кӯчаву коргоҳҳо вохӯрдан мумкин аст, ки имлои забони тоҷикиро вайрон кардаанд. Бо мақсади ислоҳ ва бартараф намудани камбудиҳои ҷойдошта дар назди Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Комиссияи имло таъсис ёфтааст, ки ба ҳайати он мутахассисону донишмандони пуртаҷрибаи муассисаҳои илмиву фарҳангии ҷумҳурӣ шомил гардиданд. Вазифаи асосии комиссияи мазкур аз он иборат буд, ки лоиҳаи Имлои забони тоҷикӣ дар асоси талаботи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, махсусан, Қонуни забони давлатӣ ва дастовардҳои илми забоншиносӣ таҳия ва барои муҳокима пешиҳод шавад. Гурӯҳи корӣ лоиҳаро пурра таҳрир намуда, Имлои забони тоҷикиро ба Комиссияи татбиқи Қонуни забони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод кард ва Комиссия баъди баррасӣ онро ба Ҳукумати мамлакат манзур намуд.

Дар ин асос қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 4-уми октябри соли 2011, №458 ба тасвиб расид. Дар банди 3 ин қарор чунин омадааст:

«Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳамкорӣ бо Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, вазорату идораҳо, ҳамчунин ташкилоту муассисаҳо ва шахсони воқеию ҳуқуқӣ, новобаста аз шакли ташкилию ҳуқуқӣ, нашри фарҳанги имло, дастурҳои таълимӣ, асарҳои бадеӣ, рӯзномаву маҷаллаҳо ва ҳамчунин, асноди меъёриро бо дарназардошти Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ ба роҳ монад».

Бояд зикр кард, ки омӯхтану азхуд кардани қонуну қоидаҳои имлои забони модарӣ арҷгузориву эҳтиром ба муқаддасоти миллӣ ба ҳисоб меравад. Забони тоҷикӣ бо нобиғаҳову олимону шоирон, китобҳои пурарзиши фарзонафарзандони миллат машҳури олам гардидааст. Рӯдакиву Фирдавсӣ, Синову Берунӣ, Носири Хусраву Хайём, Саъдиву Ҳофиз, Саноиву Аттор, Мавлавию Ҷомӣ ва садҳо нафари дигарро дар арсаи ҷаҳон мешиносанду қадр мекунанд. Пас, мо ворисони ин фарзонагон аз гузаштагони хеш бояд ифтихор дошта бошем ва кӯшиш кунем, ки бо пок нигаҳ доштани забони ноби тоҷикӣ, фарҳангу тамаддун ва дигар арзишҳову муқаддасоти миллӣ боиси эҳтироми ояндагон гардем.

Тавре аз сарчашмаҳои таърихӣ маълум аст, дар давоми солҳои 1965-1985 масъалаи мақоми забони тоҷикӣ дар ҷомеа ягон маротиба дар сатҳи роҳбарикунандаи ҳизбию давлатӣ ва муассисаҳои илмии ҷумҳурӣ мавриди муҳокимаи ҷиддӣ қарор нагирифта буд. Аз ин рӯ, охири солҳои 80-уми асри гузашта дар Тоҷикистон муайян намудани мақоми забони тоҷикӣ ба масъалаи асосӣ табдил гардид. Роҳбарони вақт сиёсати русикунонии ҷомеаи ҷумҳуриро амалӣ мегардониданд. Дар натиҷа, мавқеи забони тоҷикӣ маҳдуд мегардид. Мутаассифона, дар ҳамон вақт истифодаи забони тоҷикӣ асосан ҳамчун забони гуфтугӯӣ дар оила ва баъзан дар кӯча ба назар мерасид, ки он минбаъд бахси ҷиддиро рӯи кор овард. Маҳз баъди ба қавле бедор шудани халқ дар ҳамаи гӯшаву канори мамлакат мардум дар маҷлисҳо, ба воситаи матбуот, оинаи нилгун ва радио андешаҳои худро оид ба мақоми забони тоҷикӣ баён мекардагӣ шуданд. Аксарият пешниҳод мекарданд, ки дар ҷумҳурӣ ба забони тоҷикӣ мақоми давлатӣ дода шавад. Зери чунин «фишори» оммавӣ роҳбарияти коммунистии ҷумҳурӣ маҷбур шуд, ки оид ба ин масъала чораҳо андешад. 22 июли соли 1989 дар Иҷлосияи Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Қонуни забони тоҷикӣ (форсӣ)» қабул карда шуд. Тибқи қонуни мазкур забони тоҷикӣ дар ҷумҳурӣ мақоми давлатиро гирифт.

Бояд иқрор кард, ки мақоми давлатиро соҳиб гаштани забони тоҷикӣ дар ҷумҳурӣ нишонаи нерӯи бузург ва ягонагии мардуми тоҷик ба ҳисоб меравад. Забони тоҷикӣ дер боз ҳамчун забони илму фарҳанг ва сиёсат мақоми байналмилалиро дорост ва ин забон, хушбахтона, дар замони муосир ҳам нуфӯзи хешро аз даст надодааст.

**Тоҷинисои ЗАЙНИДДИН**

# Забон - волотарин арзиши миллию фарҳангӣ




Забони ноби модариамон моро ба даврони басо дури таъриху фарҳанги халқамон пайванд месозад. Гузаштагонамон ҳанӯз аз ҳазорсолаҳои пеш аз мелод то замони пайдоиши хат ва алифбо достонҳои бузурги шифоҳӣ офаридаанд, ки намунаи беҳтарини онҳо сурудҳои Авесто мебошанд. Шояд миллату халқиятеро дар дунё камтар метавон пайдо кард, ки забони имрӯзаи он ба забони беш аз ҳазору дусадсолааш чунин пайвастагии наздик дошта бошад.

Дар аҳди Сомониён, тавре аз сарчашмаҳо бармеояд, забони тоҷикӣ, забони ягонаи сарзамини давлатдории тоҷикон қарор гирифта, ҳамчун забони ташаккулёфтаи дорои меъёр ба сарзаминҳои ғарби Эрон ба ҷои забони паҳлавӣ густариш ёфтааст. Забони мо дар мақоми забони давлатӣ пеш аз замони Сомониён низ собиқаи бисёр тӯлонию таърихӣ доштааст. Яъне гузаштаи он дар се давраи таърихи ташаккулаш бо давлатҳои мутамаддини Ҳахоманишиён, Сосониён ва Сомониён марбут аст. Аз ҳама ин давраҳои таърих осори хеле нодиру арзишманде ба мерос омадааст, ки ворид шудани ин осор ба ганҷинаи тамаддуни ҷаҳонӣ натанҳо ифтихори ворисони забон, балки тамоми ҷаҳониён низ мебошад.

Аз замони ба даст овардани Истиқлолияти давлатӣ забони тоҷикӣ ба сифати забони давлатӣ дар умури сиёсӣ ва иқтисодию иҷтимоӣ мақому мартабаи баланд пайдо карда, дар бахши коргузориву эҷоди қонунҳо, соҳаҳои илму маорифу фарҳанг ва робитаҳои дохилию хориҷии мамлакат ба таври густурда мавриди истифода қарор гирифт.

Дар робита ба таъкидҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки гуфтаанд: **«Забони модарӣ яке аз рукнҳои асосии давлатдорӣ ва сарчашмае аст, ки инсонро ба асолати миллӣ пайванд месозад»,** Ҳукумати мамлакат бобати забони давлатӣ ва таъмини мақомоти он дар муносибатҳои сиёсиву иҷтимоӣ мунтазам тадбирҳои судманд андешида, ҳифз ва рушди онро аз вазифаҳои муқаддаси худ донистааст. Имрӯз, чуноне ки мушоҳида мешавад, дар кишвар барои рушду инкишофи забони давлатӣ ва истифодаи ҳамаҷонибаи он тамоми шароитҳо фароҳам оварда шудааст.

Ҳоло дар Тоҷикистон бо риояи меъёрҳои байналмилалӣ барои истифодаи озоди забонҳои дигар, аз ҷумла забонҳои модарии ҳамаи миллатҳо ва халқиятҳои сокини мамлакат шароит ва заминаҳои ҳуқуқӣ фароҳам гардидааст. Вобаста ба ин, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар яке аз суханрониҳояшон ба муносибати Рӯзи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин таъкид кардаанд: **«Ҳамаи миллатҳо ва халқиятҳое, ки бо мо дар як сарзамин зиндагии муштарак доранд, тибқи қонунгузорӣ дар интихоби забони таҳсил озод мебошанд. Мо ба ҳама забонҳо ва фарҳангҳо арҷ мегузорем».**

Забони давлатӣ, дар ҳақиқат, таҷассумгари таърихи пуршебу фарози миллати бостонии тоҷик мебошад. Маҳз ба ҳамин хотир, мо бояд забонро мисли Истиқлолият, Ватан, Модар ва фарҳанг аз ҷумлаи муқаддасоти миллии худ шуморем ва онро азизу гиромӣ дорем. Мо - омӯзгоронро зарур аст, ки ба масъалаи сайқал додани фарҳанги муошират бо забони давлатӣ, поку беолоиш нигоҳ доштани эътибори ҷиддӣ диҳем, дар қалбу зеҳни наврасон ҳисси эҳтиром ба забони модариро бедор намоем.

Дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии мо ҳам, чун дигар соҳаҳои ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва илмию фарҳангии мамлакатамон, талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон»-ро хуб риоя мекунанд, ба забони модарӣ арҷ мегузоранд ва коргузории расмиашонро бо забони давлатӣ ба роҳ мондаанд.

Роҳбарияти муассиса ҷиҳати корбарии коргузорӣ дар доираи забони давлатӣ пайваста тадбирҳо меандешанд. Дар ҷамъомаду ҷаласаҳо ҳамеша таъкид мешавад, ки кормандон Қонуни забонро қатъан риоя кунанд, коргузориро танҳо бо забони давлатӣ ба роҳ монанд ва ҳангоми дарсгузаронӣ ва муошират бо хонандагон бо забони адабии тоҷикӣ гуфтугӯ намоянд.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон чунин таъкид кардаанд: **«Забон хишти аввалини кохи миллат аст. Таърих гувоҳ аст, ки агар забони миллӣ аз байн равад, миллат ҳам дер ё зуд тафаккури миллии худро аз даст дода, оқибат завол меёбад. Аз ин рӯ, вазифаи ҳар як фарди бонангу номус ҳифзу эҳтиром ва гиромӣ доштани забони давлатӣ аст».**

Забони тоҷикӣ бо гузашти асрҳо ҳамчун омили ваҳдат ва ифтихори миллӣ дар давлатдории навини мо дар мақоми забони давлатӣ қарор гирифтааст ва аз ин рӯ, ҳар як фарди соҳибзабон бояд забони модарӣ ва ба воситаи он ҳувияти миллӣ ва фарҳанги миллии худро ҳифз кунад ва гиромӣ дорад. Мо бояд ҳамеша дар хотир дошта бошем, ки забони модарӣ яке аз рукнҳои асосии давлатдорӣ ва сарчашмаест, ки инсонро ба асолати миллӣ пайванд месозад.

Мо набояд фаромӯш кунем, ки донистани забони модарӣ эҳтиром ба миллат ва гузаштаи хеш аст. Насли имрӯзу фардо бояд дар зеҳни худ забони модариро ҳамчун муқаддасоти мероси миллӣ ва волотарин арзиши фаҳангӣ парвариш карда, аз таърихи забони модарии хеш ва осори он огаҳӣ дошта бошанд. Дар ҳамин сурат метавон наслҳоро дар рӯҳияи муҳаббат ба Ватан, Модар ва Забони тоҷикӣ тарбия намуд.

**Аниса ШАРИПОВА,**
**омӯзгори Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №77-и ноҳияи Фирдавсӣ**

# Стратегияҳои миллӣ оид ба маърифати молиявӣ

**16 – 17-уми сентябри соли 2019 бо иштироки намояндагони кишварҳои аъзои Созмони ҳамкориҳои иқтисодӣ ва рушд, ташкилотҳои байналмилалии молиявӣ ва вазорату ташкилотҳо дар мавзӯи “Стратегияҳои миллӣ оид ба маърифати молиявӣ” конфронси байналмилалӣ баргузор гардид.**

Дар доираи конфронс Идораи ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявӣ бахри таҳия ва татбиқи минбаъдаи “Стратегияи миллӣ оид ба маърифати молиявӣ”дар ҳамкорӣ бо сохторҳои ҳаммонанди бонкҳои марказии дигар давлатҳо дар заминаи таҷрибаи байналмилалӣ табодули таҷриба намуданд.

Муовини раиси Бонки миллии Тоҷикистон Лола Салимова, ки ба конфронс ҳусни оғоз бахшид, қайд намуд, ки конфронс барои таҳияи асосҳои ташаккули “Стратегияҳои миллӣ оид ба маърифати молиявӣ” дар заминаи омӯзиши таҷрибаҳои байналмилалӣ бахшида шудааст.

- Дар чорабинии мазкур намояндагони ҳашт давлати дунё, инчунин намояндагони созмонҳои байналмилалии молиявӣ, қарзӣ ва вазорату идораҳои дахлдори ҷумҳурӣ иштирок доранд, - изҳор намуд Лола Салимова - Аз ин рӯ, бо боварӣ метавон гуфт, ки баргузории чорабинии мазкур барои рушди фаъолияти минбаъдаи ҳамкориҳои мо дар доираи Созмони ҳамкориҳои иқтисодӣ ва рушд ва Шабакаи байналмилалӣ оид ба маърифатнокии молиявӣ такони ҷиддӣ хоҳад бахшид. Бахусус масъалаи “Маърифати молиявӣ барои муҳоҷирон ва оилаҳои онҳо”, ки дар рафти ин семинар таҳлил карда мешавад, метавонад барои дарк ва бартараф намудани мушкилиҳои дар ин самт ҷойдошта мусоидат намояд, -.

Сипас, намояндаи Созмони ҳамкориҳои иқтисодӣ ва рушд Елена Митеева дар бораи “Лоиҳасозии Стратегияи миллии саводнокии молиявӣ”, “Саводнокии молиявӣ барои муҳоҷирон ва аъзоёни оилаҳои онҳо” ва “Сохтори идоракунии самаранок ва харитаи роҳи Стратегияи миллии саводнокии молиявӣ, муовини сардори Идораи ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявии Бонки миллии Тоҷикистон Улуғбек Бозоров доир ба “Қадамҳои амалигардонии Стратегияи миллии саводнокии молиявӣ”, сардори Шуъбаи саводнокии молиявии Идораи ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявӣ Далер Муродалиев вобаста ба мавзӯъҳои калидии таҳияи стратегияи миллии саводнокии молиявӣ ва намояндаи Созмони ҳамкориҳои иқтисодӣ ва рушд Кирил Косеев оид ба “Лоиҳасозии барномаҳои самаранок оид ба саводнокии молиявӣ барои муҳоҷирон ва аъзоёни оилаҳои онҳо” бо рӯнамоҳо баромад намуданд.

Ҳамчунин, намояндагони бонкҳои марказии кишварҳои хориҷӣ, аз ҷумла Ҷамила Токмамбетова аз Бонки миллии Қирғизистон, Фараҳ Алиева аз Бонки марказии Озарбойҷон, Лазиз Мирзоев аз Бонки миллии Ӯзбекистон оид ба таҷрибаҳои давлати худ дар самти татбиқи стратегияи миллии саводнокии молиявӣ маърӯза карданд.

Дар рӯзи дуюми семинар, ки таваҷҷуҳи асосӣ ба машғулиятҳои амалӣ нигаронида шуда буд, иштирокчиён доир ба мавзӯъҳои “Самаранокии сохтори идоракунӣ ва харитаи роҳи амалии Стратегияи миллии саводнокии молиявӣ” ва “Таҳияи барномаи самаранокии саводнокии молиявӣ барои муҳоҷирон ва оилаҳои онҳо” мубодилаи афкор намуданд.

**Ф. ҶОВИД**

# Воситаи ошкорсозӣ

**Кормандони Нозироти андоз дар ноҳияи Ховалинг дар 8 моҳи соли ҷорӣ ҷиҳати ошкор намудани маблағҳои пинҳонӣ дар фаъолияти 13 андозсупоранда муоинаи хронометражӣ гузарониданд.**



- Мақсад аз гузаронидани муоинаи хронометражӣ дар фаъолияти андозсупорандагон, ин муайян кардани манбаи аслии андозбандишаванда ва ошкор намудани маблағҳои пинҳоншудаи соҳибкорон мебошад, - гуфт муовини сардори нозироти андози ноҳия Убайдулло Қурбонов.

Ҳамин тавр, ҳангоми гузаронидани муоинаи хронометражӣ дар фаъолияти андозсупорандагон пинҳонкунии маблағҳо ошкор гардид.

Масалан, муоинаи хронометражӣ, ки дар фаъолияти ҶДММ «Муҳаммад-2017» гузаронида шуд, қонунвайронкуниҳоро ошкор кард. Ҷамъият пеш аз гузаронидани муоинаи хронометражӣ даромади умумии худро дар як моҳ ба маблағи 18 ҳазору 250 сомонӣ нишон медод. Ҳангоми гузаронидани муоинаи хронометражӣ муайян гардид, ки даромади умумии он дар як моҳ 30 ҳазору 411 сомониро ташкил медиҳад. Яъне соҳибкор маблағи 12 ҳазору 161 сомониро аз мақомоти андоз пинҳон доштааст. Соҳибкор дар асоси моддаи 599 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба маблағи 2200 сомонӣ ҷарима гардид. Муоинаи хронометражӣ дар фаъолияти соҳибкори инфиродӣ Илҳом Қурбонов низ гузаронида шуд. Соҳибкор ба фурӯши хӯрокворӣ машғул аст. Номбурда пеш аз гузаронидани муоинаи хронометражӣ даромади умумии худро дар як моҳ 5 ҳазору 700 сомонӣ нишон медод. Ҳангоми гузаронидани муоинаи хронометражӣ маълум гардид, ки даромади ӯ дар як моҳ 6 ҳазору 600 сомониро ташкил медиҳад.

Ба ҳамин тартиб, муоинаи хронометражӣ дар фаъолияти ҶДММ «Сайдакобир» ба роҳ монда шуд. Ҷамъият ҳангоми фаъолияти корӣ даромади умумии худро дар як моҳ ба нозироти андози ноҳия ба маблағи 10 ҳазору 600 сомонӣ нишон медод, ки аз ҳақиқат дур буд. Кормандони андози ноҳияи Ховалингро зарур омад, ки дар фаъолияти ӯ муоинаи хронометражиро ба роҳ монанд. Ҳангоми санҷиш маълум гардид, ки даромади умумии ҶДММ «Сайдакобир» дар як моҳ 31 ҳазору 950 сомониро ташкил медиҳад. Яъне ӯ 21 ҳазору 350 сомониро аз нозироти андоз пинҳон доштааст. Номбурда барои ба ба таври дуруст истифода накардани МНХ-и дорои ТИЭ бо моддаи 614 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ба маблағи 2200 сомонӣ ҷарима шуд.

Муоинаи хронометражӣ дар фаъолияти соҳибкори дигари ноҳия Салим Тураев ҳам ба роҳ монда шуд. Соҳибкор Салим Тураев пеш аз гузаронидани муоинаи хронометражӣ даромади худро дар як моҳ ба маблағи 2500 сомонӣ ба мақомоти андози ноҳия нишон медод. Муоинаи хронометражӣ маълум намуд, ки даромади моҳонаи соҳибкор 3750 сомониро ташкил дода, ӯ маблағи 1250 сомониро пинҳон намудааст.

Ба ҳамин тартиб, дар ноҳияи Ховалинг метавон шумораи зиёди андозсупорандагонро номбар кард, ки даст ба ҳуқуқвайронкунии андозӣ зада ҳангоми фаъолияти корӣ маълумотро ба нозироти андоз ба таври дуруст пешниҳод намекарданд.

У. Қурбонов дар идома афзуд, ки дар як моҳ маблағи соҳибкороне, ки таҳти санҷиш қарор гирифтанд, пеш аз муоинаи хронометржӣ 80928,26 ҳазор сомониро ташкил медод. Ҳангоми гузаронидани муоинаи хронометражӣ маълум гардид, ки даромади умумии соҳибкорон дар як моҳ 181039 ҳазор сомониро ташкил медиҳад.

Хулоса, дар 8 моҳи соли 2019 баъди муоинаи хронометражи гузарондаи кормандони Нозироти андоз дар ноҳияи Ховалинг дар фаъолияти 13 андозсупоранда маблағи 100110,74 ҳазор сомонӣ маблағҳои пинҳоншудаи андозсупорандагон ошкор гардид.

**Исломи РАҶАБАЛӢ,**
**шаҳри Кӯлоб**

# Қарзҳои андоз рӯёнида мешаванд

**Дар Нозироти андоз дар шаҳри Хуҷанд бақияи қарзи андозҳо ба санаи 1-уми сентябри соли 2019-ум 6 миллиону 242 ҳазор сомониро ташкил медиҳад, ки аз он 5 миллиону 109 ҳазор сомониаш қарзи андози корхонаву ташкилотҳо буда, боқимонда 1 миллиону 133 ҳазор сомонӣ андоз ба соҳибкорони инфиродӣ рост меояд.**

- Дар давоми 8 моҳи соли ҷорӣ аз ҷониби Нозироти андози шаҳри Хуҷанд ба андозсупорандагони қарздор дар асоси талаботи моддаи 72 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба пардохти қарзи андоз ба маблағи 8 миллиону 276 ҳазор сомонӣ 531 огоҳинома ирсол гардидааст,-зикр дошт сармутахассиси бахши ситонидани қарзи андозҳо Шамсулло Оқилов. - Дар натиҷа, аз ин ҳисоб ба буҷети давлатӣ 6 миллиону 254 ҳазор сомонӣ маблағи қарзи андозҳо ворид гардидааст. Ҳамчунин, дар ин



давра нисбати 63 адад андозсупорандаи қарздор 99 адад қарорҳои маҷбуран ситонидани қарзи андозҳо ба маблағи 5 миллиону 18 ҳазор сомонӣ қабул ва мавриди амал қарор дода шуданд. Аз ҳисоби қарори қабулгардида ба буҷети давлатӣ 1миллиону 992 ҳазор сомонӣ маблағи қарзи андозҳо рӯёнида, 71 адад қарорҳои қабулшуда пурра иҷро гардидаанд.

- Нозироти андоз дар шаҳри Хуҷанд дар оянда низ дар ин самт корҳои назоратиро пурзӯр намуда, кӯшиш ба харҷ медиҳад, ки то ҷамъбасти сол қарзи андозҳоро нисбат ба аввали сол кам намояд, - таъкид дошт ҳамсуҳбати мо.

**МАЪЛУМОТ ОИД БА БАҚИЯИ ҚАРЗИ АНДОЗҲОИ КОРХОНАЮ ТАШКИЛОТҲОИ ДАР ҚАЙДИ НОЗИРОТИ АНДОЗ ДАР ШАҲРИ ХУҶАНД БА ҲОЛАТИ 25.09.2019**

| № | Номгӯи андозсупорандагон | Ҷамъи қарзи андозҳо | Роҳбари корхона |
|---|---|---|---|
| 1 | Филиали ҶСК «Тоҷиксодиротбонк» дар шаҳри Хуҷанд | 365 451 | Самадов Дилшод |
| 2 | Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Рустам и К» | 297 559 | Абдуллоев Рустам |
| 3 | Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Оламафрӯз 2016» | 255 660 | Собиров Рустамбой |
| 4 | Муассисаи таълимии ғайридавлатии «гимназияи забонҳои шаҳри Хуҷанд» | 153 590 | Боқиева Масъуда |
| 5 | Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Мастура Авезова» | 84 266 | Ахмедова Муқаддас |
| 6 | Кооперативи ғайритиҷоратии «Гаражҳо Довудия» | 87821 | Тошхоҷаев Қурбонхуҷа |
| 7 | Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Циклон» | 69 210 | Собиров Иномхуҷа |
| 8 | Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Сорбон моторс» | 28 489 | Шарипов Шарифҷон |
| 9 | Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Озоди Б» | 10 731 | Болтубоев Амирҷон |
| 10 | Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Парвина 1» | 8 646 | Ҷалолов Ҳусейнхон |

**Тоҳирҷон ИСКАНДАРЗОДА,**
**вилояти Суғд**

## АНДОЗ ДАР ХОРИҶА

# У России и Белоруссии будет единый Налоговый кодекс

**Программа интеграции России и Белоруссии предполагает частичное объединение экономических систем государств с января 2021 г., включая переход на единый Налоговый кодекс, создание «единого регулятора» энергетического рынка и объединение таможенной политики, сообщает газета «Коммерсантъ».**



«Программу действий Беларуси и РФ по реализации положений договора о создании Союзного государства» в начале сентября парафировали (согласовали с возможностью незначительных изменений) премьер-министры России и Белоруссии Дмитрий Медведев и Сергей Румас. При этом ранее проект программы интеграции не обнародовался. Между тем он довольно радикальный и подразумевает частичную экономическую интеграцию на уровне не менее чем в ЕС.

Документ подразумевает создание единого Налогового и Гражданского кодексов, введение единого внешнеторгового режима, унифицированного учета собственности и почти объединенного банковского надзора. ЦБ РФ и НБР будут работать в рамках межгосударственного договора о единых принципах банковского и финансового надзора. С 2021 г. объединение ждет таможенную и энергетическую политику стран. Упоминается в программе и создание единого регулятора рынков газа, нефти, нефтепродуктов и электроэнергии.

При этом документ не содержит конкретных договоренностей о судьбе «единого» бюджета Союзного государства. Кроме того, программа не описывает изменения в сферах обороны, госбезопасности, судебной и правоохранительной, образования, здравоохранения, науки и госуправления.

К 1 ноября 2019 г. РФ и Белоруссия представят предложения по «дорожным картам» объединения экономик, к концу 2020 г. будут подготовлены шаги по реализации программы на законодательных уровнях.

**Источник: http://taxpravo.ru**



## Ба саволҳои андозсупорандагон мутахассисони Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон посух мегӯянд

**САВОЛ:**

**Барои қатъ кардани фаъолият дар асоси шаҳодатнома оё маблағ лозим аст? Мо аз андоз қарз надорем.**

**ҶАВОБ:**

Тартиби бақайдгирии давлатии қатъ гардидани фаъолияти шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродӣ дар моддаи 25 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ» пешбинӣ шудааст.

Барои қатъ намудани фаъолияти соҳибкори инфиродии дар асоси шаҳодатнома фаъолияткунанда, тибқи талаботи қонунгузорӣ дар ҳаҷми 55 сомонӣ боҷи давлатӣ ба буҷет пардохт карда мешавад.

**САВОЛ:**

**Мо як гурӯҳ ҷавонон дар ноҳияи Шаҳритуз майдончаи варзишӣ сохта ба истифода додем. Барои истифодабариаш мо андоз месупорем ё не?**

**ҶАВОБ:**

Чуноне бармеояд, як гуруҳ ҷавононро ноҳияи Шаҳритуз аз ҳисоби маблағҳои худӣ майдончаи варзишӣ бунёд намуда, ройгон ба Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳия супоридаанд ва майдончаи мазкурро тибқи шартномаи аз Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Шаҳритуз барои ба даст овардани даромад иҷора гирифта, мехоҳанд фаъолият намоянд.

Тибқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25.01.2017, №45 "Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31.08.2012, №451" ба "Қоидаҳои андозбандии соҳибкорони инфиродие, ки дар асоси патент ё шаҳодатнома фаъолият менамоянд" фаъолияти майдончаҳои варзишӣ пешбинӣ нагардидааст.

Мувофиқи эзоҳи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31.08.2012, №451 ба фаъолияти соҳибкорие, ки дар номгӯйи дарҷ нагардидаанд, шаҳодатномаи соҳибкории инфиродӣ дода мешавад.

Дар ин ҳолат, субъектҳои соҳибкорие, ки ба фаъолияти соҳибкорӣ ба воситаи майдончаҳои варзишӣ машғул мешаванд, ҳамчун соҳибкори инфиродии тибқи шаҳодатнома фаъолияткунанда дар мақомоти андоз ба қайд гирифта шуда, тибқи муқаррароти боби 43 Кодекси андоз дар низоми содакардашудаи андозбандӣ фаъолият менамоянд.

Тибқи муқаррароти моддаи 292 Кодекси андоз объекти андозбандии андози низоми содакардашуда, даромади умумии бо усули кассавӣ, аз ҷумла даромад аз таҳвили молҳо, иҷрои корҳо ва хизматрасониҳо мебошад.

Манбаи андоз оид ба андози низоми содакардашуда ифодаи пулии даромади умумии дар давраи андоз гирифташуда (семоҳа) эътироф карда мешавад (моддаи 293 Кодекси андоз).

Бино бар ин, даромадҳои аз ҳисоби майдончаи варзишӣ бадастомада, мутобиқ ба талаботи моддаи 296 Кодекси андоз тибқи низоми содакардашуда бо меъёри 6 фоиз андозбандӣ мегардад.

Қайд кардан бамаврид аст, ки тибқи муқаррароти ҷумлаи дуюми қисми 2 моддаи 216 Кодекси андоз барои соҳибкорони инфиродии тибқи шаҳодатнома амалкунанда меъёри андози иҷтимоӣ ба сифати шахсони суғурташуда ба 1,0 фоизи манбаи андоз, вале на камтар аз андозаи ҳадди баландтарини андози иҷтимоӣ барои соҳибкори инфиродии тибқи патент фаъолияткунанда муқарраршуда (дар ноҳияи Шаҳритуз дар соли 2019-ум 99.2 сомонӣ), новобаста ба андозаи даромади гирифташуда, баробар мебошад.

Барои гирифтани маълумоти иловагӣ метавонед аз хизматрасонии Маркази тамос (Контакт-сентр) (тел: 151) ё почтаи электронии Кумитаи андоз (info@andoz.tj) истифода намоед.

**САВОЛ:**

**Ман дар шаҳрамон бино дорам ва онро ба ширкати мобилӣ ба иҷора супоридаам. Ба нозироти андози шаҳр эъломияи андози амволи ғайриманқул барои соли 2019-ро пешниҳод кардаам. Кормандони нозироти андоз барои гуё хато пур кардани эъломия онро қабул накарда, тавсия доданд, ки ман бояд андози амволи ғайриманқулро дар асоси моддаи 279 қисми 2 сархати 3.4 КАҶТ супорам. Яъне барои объектҳои молу мулки ғайриманқули барои амалӣ намудани фаъолияти савдо,ташкили нуқтаҳои хӯроки умумӣ, дигар намуди хизматрасонӣ ва иҷрои корҳои истифодашаванда, ки ягон амал ва иҷрои кори номбаршуда ба иҷорадиҳии ман алоқамандӣ надошта дар моддаи мазкур ҳама талабот ва самҳо нишон дода шудааст.**

**Ман эъломияро мувофиқи моддаи 279 қисми 2 сархати 5, 6 КАҶТ бояд супорам. Яъне барои объектҳои молу мулки ғайриманқул оид ба амали намудани дигар фаъолияти истифодашаванда, ки дурустиашро қонунгузор дар банду баст нишон додааст. Хоҳиш мнамоям, ки дар асоси Кодекси андоз ва қонунҳои амалкунанда алоқамандии фаъолияти иҷорагирро ба ман ҳамчун соҳибмулки амвол, пурра шарҳ диҳед.**

**ҶАВОБ:**

Мутобиқи банди 43 моддаи 17 Кодекси андоз мафҳуми хизматрасонӣ - ҳама гуна фаъолият бар ивази подош, ки таҳвили мол ё иҷрои кор намебошад, аз ҷумла, фаъолияти савдо, хизматрасонии молиявӣ, ба иҷора додани молу мулки моддӣ, додани молу мулки ғайримоддӣ эътироф гардидаast.

Бо дарназардошти он, ки шумо биноро ба ширкати мобилӣ ба иҷора додаед, чунин фаъолият ба фаъолияти хизматрасонӣ ба ҳисоб рафта, ҳисоб намудани меъёри андоз аз объектҳои ғайриманқул барои ин гуна фаъолият тибқи муқаррароти сархатҳои 3 ва 4 моддаи 279 Кодекси андоз сурат мегирад.

Яъне, барои объектҳои ғайриманқул оид ба амалӣ намудани фаъолияти савдо, ташкили нуқтаҳои хӯроки умумӣ, дигар намуди хизматрасонӣ ва иҷрои корҳо истифодашаванда то 250 метри мураббаъ - ба андозаи 12,75 фоиз ба андозаи 2-каратаи меъёри мазкур ва аз масоҳати зиёда аз 250 метри мураббаъ - ба андозаи 15 фоиз, барои шаҳри Душанбе ба андозаи 2-каратаи меъёри мазкур.

**Таҳияи М.УСМОНОВА**

# Ошкор намудани қонунвайронкунӣ

**Тибқи моддаи 37 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон назорати камералӣ шакли назорати андоз мебошад, ки он аз тарафи кормандони мақомоти андоз дар асоси омӯзиш ва таҳлили ҳисоботи андози пешниҳоднамудаи андозсупоранда анҷом дода мешавад.**

Кормандони Нозироти андоз дар ноҳияи Ховалинг ҷиҳати ошкор намудани қонуншиканиҳои андоз ва пешгирӣ намудани маблағҳои пинҳонӣ дар 8 моҳи соли 2019 дар фаъолияти андозсупорадагони ноҳия корҳои муайянеро анҷом доданд.

Тавре муовини сардори нозироти андози ноҳия Убайдулло Қурбонов қайд кард, бо мақсади ошкор намудани маблағҳои пинҳонӣ дар фаъолияти 37 андозсупоранда ба маблағи 249 ҳазору 496 сомонӣ назорати камералӣ гузаронида шуд, ки аз ин ҳисоб 181 ҳазору 762 сомонӣ ба буҷет пардохт гардид. 44 ҳазору 118 сомонӣ танҳо аз ҳисоби изофапулӣ пардохт гардидааст.

У. Қурбонов дар идома афзуд, ки назорати камералӣ дар фаъолияти Кооперативи тиҷоратии "Нигини Сулаймон", ки ба фаъолияти корҳои сохтмонӣ машғул буд, ба маблағи 88 ҳазор сомонӣ гузаронида шуд. Ҳамин тавр, дар фаъолияти соҳибкори дигари ноҳия Сунатулло Каримов ба маблағи 40 ҳазор сомонӣ назорати камералӣ гузаронида шуд. Соҳибкор маблағи ошкоршударо пурра ба буҷети давлатӣ пардохт кард. Дар фаъолияти ҶДММ "Аср" низ назорати камералӣ ба маблағи 22 ҳазору 575 сомонӣ гузаронида шуд, ки аз маблағи зикршуда 20 ҳазор сомониаш пардохт гардидааст.

**Исломи РАҶАБАЛӢ,**
**шаҳри Кӯлоб**

**НАЛОГИ ЗА РУБЕЖОМ**

# Руководство «Тролзы» заподозрили в неуплате налогов на 24 миллиона рублей

**Следователи в Саратовской области заподозрили руководство крупнейшего в России производителя троллейбусов «Тролза» в уклонении от уплаты налогов на сумму почти 24 миллиона рублей, сообщило областное СУСК.**

По версии следствия, с 2016 по 2018 годы руководители ЗАО «Тролза» с целью уклонения от уплаты налога на добавленную стоимость наряду с реальными поставками металла, необходимыми для производства троллейбусов, отразили в бухгалтерской документации фиктивные поставки от этого же поставщика, что позволило предприятию необоснованно получить налоговые вычеты на сумму 23,9 миллиона рублей.

«В отношении руководителей ЗАО «Тролза» возбуждено уголовное дело по части 1 статьи 199 УК РФ «Уклонение от уплаты налогов», - говорится в сообщении. Фигурантам дела, круг которых в настоящее время устанавливается, грозит до двух лет лишения свободы.

Ранее источник в силовых структурах сообщал РИА Новости, что гендиректор «Тролзы» Иван Котвицкий в марте был задержан по подозрению в даче взятки налоговому инспектору. СУСК по области сообщило, что гендиректору завода и его подчиненному вменяется дача взятки сотруднику налоговой инспекции на сумму 2 миллиона рублей. По решению суда Котвицкий был отправлен под домашний арест. Взамен Котвицкого с 3 июля гендиректором завода был назначен его заместитель Сергей Ключарев.

«Тролза» с марта перевела около половины работников в режим простоя и сообщила в центр занятости о возможном сокращении 500 из свыше 800 работников. Главный инженер завода Олег Стрельников сообщал РИА Новости, что для запуска производства предприятию требуются оборотные средства - около 470 миллионов рублей. В правительстве области отмечали, что совместно с собственниками «Тролзы» продолжают переговоры о привлечении на завод эффективного инвестора и собственника.

«Тролза» находится в городе Энгельсе Саратовской области. На сегодняшний день более 70% всех троллейбусов в РФ созданы ЗАО «Тролза». Энгельсские троллейбусы работают на линиях 86 городов России и за рубежом, в том числе в Аргентине, Таджикистане и Киргизии.

**https://ria.ru/20190902/1558184024.html**

## МУҲТАРАМ ШАҲРВАНДОН ВА АНДОЗСУПОРАНДАГОН!




Рӯзномаи «Боҷу хироҷ» дар фазои иттилоотии мамлакат ягона рӯзномаи соҳавиест, ки дар он дар бораи масъалаҳои андозу андозбандӣ, низому меъёрҳои андозҳо, имтиёзот ва сабукиҳои андозӣ, хизматрасониҳои мақомоти андоз ба андозсупорандагон, рушди фаъолияти соҳибкорӣ, андоз дар хориҷа ва дигар мавзӯъҳое, ки ба муносибатҳои андозӣ дахл доранд, нашр мешаванд.

Шумо ба рӯзномаи «Боҷу хироҷ» обуна шуда, метавонед аз ҷониби мутахассисони соҳибкасб ба ҳамаи саволҳои худ доир ба қонунгузории андоз, маъмурикунонии андоз ва ҳуқуқу уҳдадориҳои андозсупоранда ҷавоби мушаххас ва асоснок дарёфт намоед.

Рӯзномаи «Боҷу хироҷ» ва мутахассисони Кумитаи андоз кӯшиш менамоянд, ки маводи рӯзнома минбаъд ҳам ҷолибтар ва ҷиҳати такмили дониши андозию иқтисодӣ ва ҳалли мушкилоти шумо боз ҳам муфидтар бошанд.



Нархи обуна барои соли 2020 ҳамагӣ **65 СОМОНИРО** ташкил дода, манфиати маводи он ҷиҳати пешбурди самараноки соҳибкории шумо дар давоми сол ба маротиб зиёд хоҳад буд.



Рӯзномаи «Боҷу хироҷ»

**НАЛОГИ ЗА РУБЕЖОМ**

## В Интернет утекли фискальные сведения 90 млн россиян

### Утечка произошла от оператора фискальных данных «Дримкас»



В открытом доступе в Интернете оказалась персональные сведения о еще 76 млн граждан России. Утечка произошла от оператора фискальных данных «Дримкас», передает газета «Известия».

Ранее стало известно, что в Интернете появилось 14 млн записей о компания и физлицах, включая данные о покупках и уплаченных налогах. Но по информации компании по кибербезопасности DeviceLock, ранее в общем доступе оказались 76 млн строк с различными данными.

В итоге с серверов «Дримкас» в интернете появились свыше 90 млн данных. В компании факт данной утечки отказались подтверждать.

http://taxpravo.ru

**Масъалаи бақияи қарзи андозҳо дар ноҳияи Ёвон солҳои охир ба яке аз масъалаҳои ташвишовар табдил ёфтааст. Ноҳия, ки ҳамчун ноҳияи саноатӣ шуҳрат дорад, дар байни дигар шаҳру навоҳии ҷумҳурӣ ба пастравии иқтисодӣ дучор гардида, дар самти ғановати буҷети маҳаллию умумидавлатӣ камфаъолиятӣ зоҳир менамуд. Дар баробари ин, қарзи ширкату корхонаҳо дар назди буҷет рӯз аз рӯз афзоиш меёфт. Ин масъла роҳбарони мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ дар ноҳияи Ёвонро ба ташвиш овард. Маҳз бо мақсади кам кардани маблағи бақияпулиҳои андоз ва дуруст ба роҳ мондани фаъолияти корхонаю ширкатҳои истеҳсолӣ тадбирҳои судманд андешида шуд.**

# Самараи корҳои фаҳмондадиҳӣ

Дар назди мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳия ситоди доимоамалкунандаи барҳамдиҳии бақияи қарзи андоз таъсис ёфт, ки роҳбарии онро раиси ноҳия ба уҳда дорад. Дар ҷамъбасти нимсолаи аввали соли 2019 ситод баҳри рафъи камбудиҳои ҷойдошта тадбирҳои судманд андешид. Барои беҳбудӣ бахшидан ба вазъи молиявии корхонаҳои дар назди буҷет қарздор ва аз вартаи нокомиҳо баровардани онҳо маслиҳату дастурҳои муфиду самарабахш дода шуд. Раиси ноҳия махсусан зимни баромади хеш як қатор камбудиҳоро дар фаъолияти соҳибкорони ҳуқуқӣ баён намуда, қайд кард, ки дар ноҳия барои фароҳам овардани фазои мусоиди иқтисодӣ ва такмил додани рушди соҳибкориву сармоягузорӣ тамоми имкониятҳо мавҷуданд. Мутаассифона, дар баъзе корхонаҳо қарзҳои нави андоз пайдо шуда, қарзҳои пешина афзоиш мeёбанд, ки ин боиси ташвишу нигаронист. Дар ҷаласа, ҳамчунин, мақомоти андози ноҳия вазифадор карда шуд, ки ба масъалаи мазкур ҷиддитар муносибат намоянд ва баҳри барҳамдиҳии бақияпулиҳои андоз чораҷӯӣ намоянд.

Чуноне аз суҳбат бо сардори бахши барҳамдиҳии бақияпулиҳои андози Нозироти андоз дар ноҳияи Ёвон Д. Раҷабзода маълум гардид, тадбирҳои андешидашуда дар самти барҳамдиҳии бақияи қарзи андоз натиҷаҳои дилхоҳ ба бор овард. Ба ҳолати 1 сентябри соли 2019 дар ноҳия маблағи умумии бақияи қарзи андоз 6 889 992 сомониро ташкил медиҳад, ки ин нисбат ба 1 январи соли 2019 ба маблағи 1 576,8 ҳазор сомонӣ кам мебошад.

Бояд гуфт, ки ҳолатҳои пешгирии зиёдшавии бақияи қарзи андозҳо ва барҳамдиҳии он кори дастҷамъона буда, мутобиқи талаботи бандҳои 11-13 Дастури методӣ «Дар бораи тартиби маҷбуран ситонидани қарзи андозҳо», ки бо Фармоиши Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 18.01.2013, таҳти № 22 дар мувофиқа бо Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба тасвиб расидааст, барҳамдиҳии бақияпулиҳои андоз ва гирифтани пеши роҳи афзоиши он аслан ба зиммаи кормандони масъули шуъба ва бахшҳои хизматрасонӣ ба андозсупорандагон гузошта шудааст. Аз ин нуқтаи назар, мутобиқи талаботи дастури зикргардида, таҳия ва пешниҳоди огоҳинома оид ба таъмини иҷрои уҳдадориҳои андоз ба муҳлати 20 рӯз, таҳия ва ҷамъоварии ҳуҷҷатҳои зарурӣ (парвандаи назоратӣ) оид ба заруратӣ татбиқи чораҳои маҷбуран ситондани қарзи андозҳо маҳз ба зиммаи нозирони андози шуъба ва бахшҳои хизматрасонӣ ба андозсупорандагон вогузор шудааст.

Бо мақсади ҳарчи бештар ба буҷети мамлакат баргардондани маблағи қарзи андози андозсупорандагон кормандони мақомоти ҳудудии андоз дар ноҳияи Ёвон тибқи талаботи моддаи 72 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Дастури методӣ «Дар бораи татбиқи маҷбуран ситонидани қарзи андозҳо» барои дар муҳлати муқарраргардида таъмин накардани иҷрои уҳдадориҳои андозӣ аз тарафи андозсупорандагон нисбати онҳо чораҳои маҷбуран ситонидани қарзи андозҳоро амалан татбиқ менамоянд, ки ин амал, дар маҷмӯъ, натиҷаҳои мусбӣ ба бор меорад.

Бояд қайд кард, ки дар асоси муқаррароти зербанди 1, банди 3, моддаи 72 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳашт моҳи соли 2019 нисбати андозсупорандагони қарздор 187 адад қарор доир ба маҷбуран ситонидани қарзи андозҳо ба маблағи 7 179,7 ҳазор сомонӣ қабул карда шудааст. Бояд қайд намуд, ки аз қарорҳои қабулгардида иҷрои 132 адади он ба маблағи беш аз 4 882,6 ҳазор сомонӣ таъмин гардидааст. Айни замон аз шумораи умумии қарорҳои қабулгардида 53 адади он ба маблағи 2 297,4 ҳазор сомонӣ мавриди корбарӣ қарор дорад.

Аз ҷумла 7 адади он оид ба боздоштани амалиёти хароҷотии суратҳисоби бонкии андозсупоранда дар ташкилотҳои қарзӣ, 72 адад қарор оид ба рӯёндани қарзҳои андоз аз ҳисоби маблағҳои дар суратҳисоби бонкӣ мавҷудбудаи андозсупоранда, 1 адад қарор оиди руёндани қарзи андоз аз ҳисоби гузаронидани ҳабси амвол ва фурӯши молу мулки зери ҳабс қарордоштаи андозсупоранда ва 107 адад қарор оиди руёндани қарзи андоз аз ҳисоби маблағҳои нақдии андозсупоранда татбиқ гардидааст.

Қайд кардан бамаврид аст, ки тадбирҳои дар самти барҳам додани бақияпулиҳои андоз андешидашуда натанҳо дар кам шудани маблағи қарзи андозҳо мусоидат



намуд, балки дар кори баланд бардоштани фарҳанги андозсупории андозсупорандагон низ бетаъсир намонд. Пас аз равнақ ёфтани корҳои фаҳмондадиҳӣ қисми зиёди андозсупорандагон суду зиёни қарзи андозро дарк карда, кӯшиш намуданд, ки қарзи андози худро дар назди буҷет ҳарчи зудтар ҳисобӣ намоянд. Маҳз натиҷаи ҳамин буд, ки дар ҳашт моҳи соли равон беш аз 4 882,3 ҳазор сомонӣ маблағи қарзи андоз ба буҷет ворид шуд.

Боиси таассуф аст, ки ҳанӯз ҳам баъзе аз андозсупорандагон пардохти бақияи қарзи андозро дар назди буҷет ба таъхир гузошта, уҳдадориҳои андозии хешро, ки қонун муайян кардааст, сари вақт таъмин намекунанд. Идораи давлатии беҳдошти замин ба обёрии ноҳияи Ёвон, ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди "Намаки Ёвон", Ҷамъияти саҳомии пушидаи "Сомон ярз", ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди "Имтисал", Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди "Тоҷхим" ва бахши Ҷамъияти саҳомии кушодаи "Тоҷиксодиротбонк" аз ҷумлаи корхонаҳоест, ки аз андоз дар ҳаҷми аз 100 то 800 ҳазор сомонӣ қарздоранд. Бояд зикр кард, ки сеяки маблағи қарзи корхонаҳои номбурдаро танҳо ҷаримаву фоизҳо ташкил медиҳанд.

**М. ТАБАРЗОДА, ноҳияи Ёвон**

# Обзор налогового регулирования в сфере возобновляемым источникам энергии

**Развитые страны мира ведут интенсивный поиск альтернатив органическому топливу, одной из которых является использование возобновляемых источников энергии (ВИЭ). Объем энергии, производимый в них с помощью ВИЭ, в настоящее время уже превысил 10% от общего объема энергопотребления. За последние годы Республика Таджикистан также выделяет особое значение развитию данной сферы и с этой целью утверждены большее количество нормативно-правовых актов.**

В статье дается обзор норм законодательства в сфере налогообложения по отношению к деятельности субъектов ВИЭ.

Основным законом который регулирует деятельность области возобновляемых источников энергии в Республике Таджикистан является Закон Республики Таджикистан «Об использовании возобновляемых источников энергии» от 12 января 2010 года, №587.

Согласно ст.1 данного Закона об использовании возобновляемых источников энергии, производителем энергии из возобновляемых источников энергии считаются физические и юридические лица, эксплуатирующие установки по использованию возобновляемых источников энергии для энергетического обеспечения своей деятельности, а также осуществляющие производство энергии с использованием таких установок в целях ее последующей реализации через энергетическую сеть.

В соответствии со ст. 8 Налогового кодекса Республики Таджикистан (НК РТ) для целей налогообложения, в качестве предпринимательской деятельности признается самостоятельная, осуществляемая на свой риск деятельность, направленная на систематическое получение прибыли (дохода, компенсации) от использования имущества, продажи товаров, выполнения работ или оказания услуг лицами, подлежащими государственной регистрации в этом качестве в установленном законодательством порядке.

Эксплуатирование установки по использованию возобновляемых источников энергии для энергетического обеспечения своей деятельности не считается предпринимательской деятельности, а уже в целях ее последующей реализации через энергетическую сеть считается предпринимательской деятельностью и их налоговые режимы согласно налоговому законодательству Республики Таджикистан различаются. Так, если физические лица, эксплуатирующие установки по использованию возобновляемых источников энергии для энергетического обеспечения своей деятельности, не нацеленной на получение прибыли, согласно Закону РТ «О государственной регистрации юридических лиц и индивидуальных предпринимателей» от 19 май 2009 года, №508, не подлежат государственной регистрации и не уплачивают налоги, установленные для предпринимательской деятельности.

Согласно ст. 109 НК РТ ставка налога на прибыль для деятельности по производству товаров, в том числе производства энергии составляет 13 процентов, что на 10 процентов ниже, чем для других видов деятельности. В соответствии со статей 110 НК РТ, новые предприятия по производству товаров, начиная с даты первоначальной государственной регистрации, при внесении их учредителями в уставный фонд таких предприятий в течение 12 календарных месяцев после даты государственной регистрации нижеследующих объемов инвестиций, сроком на: 2 года, если объем инвестиций составляет свыше 200 тысяч долларов США до 500 тысяч долларов США; 3 года, если объем инвестиций составляет свыше 500 тысяч долларов США до 2 миллионов долларов США; 4 года, если объем инвестиций составляет свыше 2 миллионов до 5 миллионов долларов США; 5 лет, если объем инвестиций превышает 5 миллионов долларов США освобождаются от обложения налогом на прибыль.

Данная льгота имеет общую направленность для предприятий по производству товаров, которую также могут использовать субъекты, осуществляемые свою деятельность в сфере ВИЭ.

Ввоз, в том числе на условиях финансовой аренды (лизинга), производственно-технологического оборудования и комплектующих изделий к нему для формирования или пополнения уставного фонда (капитала) предприятия или технического перевооружения действующего производства, при условии, что это имущество используется непосредственно для производства товаров, выполнения работ и оказания услуг в соответствии с учредительными документами предприятия и не относится к категории подакцизных товаров. (часть 4 ст.169 НК РТ и ст. 345 Таможенного кодекса Республики Таджикистан (ТК РТ)).

Согласно данному положению, все виды оборудования по производству товаров, в том числе для производства энергии от ВИЭ, освобождаются от таможенных пошлин и НДС при условии, если они ввозятся для пополнения уставного фонда. Однако, данная льгота не применяется для индивидуальных предпринимателей и физических лиц.

В главе 46 НК РТ установлен льготный налоговый режим для строительства гидроэлектростанции. В соответствии с данной главы, в период строительства гидроэлектростанции на территории Республики Таджикистан заказчик строительства и генеральный подрядчик строительства могут быть полностью или частично освобождены от уплаты следующих налогов (с момента наступления срока уплаты), непосредственно связанных со строительством), по перечню налогов, в размерах и на сроки (период), которые устанавливаются Правительством Республики Таджикистан:

*- налога на добавленную стоимость;*

*- налога с пользователей автомобильных дорог;*

*- налога на прибыль (налога по упрощенному режиму;*

*- налога на транспортные средства;*

*- налогов на недвижимое имущество;*

*- социального налога в отношении иностранных граждан, непосредственно занятых на строительстве гидроэлектростанции;*

*- государственной пошлины за регистрацию проспектов эмиссии негосударственных ценных бумаг, осуществленных в связи со строительством гидроэлектростанции.*

Ввоз товаров для строительства гидроэлектростанций, являющихся особо важными объектами для Республики Таджикистан, подлежит освобождению от налога на добавленную стоимость и таможенных пошлин в порядке, установленном абзацем седьмым части 4 статьи 169 НК РТ и статьей 345 ТК РТ.

Закон Республики Таджикистан «Об инвестиционных соглашениях», может быть использован для целей развития использования возобновляемых источникам энергии в Республики Таджикистан. Данный Закон, вступивший в силу в марте 2013 года, предусматривает специальный механизм регулирования отношений, возникающих между государством и инвестором на основе инвестиционных соглашений. Данный вид соглашений носит индивидуальный характер и направлен на установление для отдельно взятых инвесторов специального правового режима (как обширные налоговые льготы), отличного от общего правового режима, предоставляемого другим инвесторам. Закон предусматривает процедуру ратификации подписанного инвестиционного соглашения со стороны Маджлиси намояндагон Маджлиси Оли Республики Таджикистан.

Действие Закона распространяется на инвестиционные проекты, которые предусматривают существенный объем инвестиций, высокую степень финансовых, технологических, экологических и иных рисков и являются стратегически важными для экономики Республики Таджикистан.

Согласно Закону Республики Таджикистан «О концессиях» от 28 декабря 2011 года в качестве концессионера могут выступать местные и иностранные физические и юридические лица, за исключением государственных организаций и учреждений. Предоставление объектов в концессию осуществляется на основе конкурса либо на основе прямых переговоров между Правительством Республики Таджикистан и потенциальным инвестором. Договор концессии утверждается парламентом Республики Таджикистан – Маджлиси намояндагон Маджлиси Оли Республики Таджикистан.

В отличие от механизмов инвестиционных соглашений договор концессии не устанавливает специальные меры стимулирования, как, например, налоговые или таможенные льготы. Между тем, в соответствии со ст.11 указанного Закона и ст.2 НК РТ договор концессии могут содержит предоставления налоговых льгот.

В соответствии с главой 36 НК РТ лица, использующие воду в Республике Таджикистан для выработки электроэнергии, платят роялти за воду в размере 0,06 показателя для расчетов на каждые 1000 киловатт/час произведенной электроэнергии по состоянию на конец каждого месяца. Согласно ст. 242 НК РТ от уплаты роялти за воду освобождаются использование водных объектов для целей выработки электроэнергии при мощности энергогенерирующих объектов не более 1000 киловатт.

На основе требования ст.242 НК РТ микро и мини электростанции мощностью до 1000 кВт освобождаются от уплаты роялти за воду.

Ставки таможенных пошлин для ввозных товаров в РТ определены постановлением Правительства Республики Таджикистан от 08.08.2018 года, за №399 «О ставках ввозных таможенных пошлин Республики Таджикистан». В соответствии с данным постановлением установлен режим свободной торговли и применяется нулевая ставка ввозной таможенной пошлины при ввозе товаров, происходящих из государств-членов Договора о зоне свободной торговли от 18 октября 2011 года и из стран, с которыми подписаны двусторонние соглашения о свободной торговле, за исключением товаров, изымаемых из режима свободной торговли.

Независимо от лица, при ввозе оборудования или товаров, предназначенных для использования в сфере ВИЭ, из таких стран, как Российская Федерация, Республики Казахстан, Узбекистан, Кыргызстан, Беларусь, Украина таможенная пошлина невзимается и ввоз из других стран, не входящих в зоне свободной торговли, ставки таможенных пошлин для оборудования и товаров для ВИЭ составляют от 5 до 10 процентовот их стоимости.

Скорее всего для дальнейшего расширение использования ВИЭ для Республике Таджикистан необходимо принять дополнительные меры, в том числе совершенствования налогового законодательства.

**Подготовил С. ВАЗИРОВ**

## НАЛОГИ ЗА РУБЕЖОМ

# Бразильский прокурор пожаловался на зарплату в 6 тысяч долларов

Прокурор бразильского штата Минас-Жерайс во время обсуждения проекта бюджета региональной прокуратуры на следующий год возмутился тем фактом, что в нем не предусмотрено повышение зарплат.

«Как можно прожить на 24 тысячи реалов (около 6 тысяч долларов)? Что мы на самом деле будем делать, чтобы увеличить наш доход? Или мы будем молчать?», - возмутился прокурор Леонарду Азереду дус Сантус после того, как генеральный прокурор штата сообщил о вероятных последствиях договора о финансовом оздоровлении, планируемого к подписанию между правительством штата Минас-Жерайс и федеральными властями. Собрание прокуроров штата состоялось в начале августа, но об этом стало известно только в минувший понедельник.

«К сожалению, я не человек скромного происхождения, я не привык к таким ограничениям», - заявил дус Сантус, обратившись с вопросом к генеральному прокурору, планирует ли тот сделать что-нибудь, чтобы улучшить ситуацию, «или мы останемся в этой нищете»?

Журналисты бразильского портала Globo провели свое расследование, в результате которого им удалось выяснить, что официальная зарплата дус Сантуса после вычета налогов составляет около 6 тысяч долларов. Однако с января по июль 2019 года ему выплачивалось не менее 5 тысяч долларов в виде различных компенсаций и премий.

В среднем его ежемесячный доход в этот период составлял около 17 тысяч долларов, а в июне он получил чуть менее 20 тысяч долларов.



Согласно исследованиям бразильского рекрутингового агентства Catho, средняя заработная плата в Бразилии в апреле 2019 года составляла порядка 600 долларов в месяц. А по данным ООН за 2017 год, 5,2 миллиона бразильцев страдали от хронического недоедания.

**Источник: https://rg.ru**

# Пешгирии аъмоли ифротгароён-омили суботи ҷомеа

**Шомилшавӣ ё худ рӯй овардани ҷавонон ба ҳизбу ҳаракатҳои террористиву экстремистӣ имрӯзҳо тамоми мамолики дунёро ба ташвиш оварда, ба масоили мубрами рӯз табдил ёфтааст. Боиси таассуф аст, ки айни замон дар давлатҳои ҷангзадаи Афғонистон, Покистон, Ироқ ва Сурия гурӯҳе аз ҷангҷӯён, ки миёнашон бархе аз ҷавонони гумроҳи тоҷик низ ҳастанд, хуни одамони бегуноҳро мерезанд.**

Ба таъкиди сарходими илмии Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҷобир Назарзода сабабу омилҳои ҷалбшавии сокинон, хусусан ҷавонон ба ҳизбу ҳаракатҳои ифротӣ хеле зиёданд. Бархӯрдор набудан аз авзои сиёсии ҷаҳон, ҳис накардани хатари ифротгароӣ, зудбоварӣ, афтидан, ба доми фиребу амали одамони тасодуфӣ соҳиби пули бедарди миён гаштан ва аз ҳама муҳимаш, надоштани донишҳои кофии замонавӣ, ки онҳоро ба чунин монеаҳо такон дода, саргардониҳои зиёд ба бор меорад, аз ҷумлаи ин гуна омилҳост. Дигар сабаби пайвастани ҷавонон ба чунин равияҳо ин аз назорати волидайн дур мондани фарзандон аст, ки билохира онҳоро ба ин роҳ мебарад.

Барои гирифтани пеши роҳи ин раванди номатлуб, пайваста талошҳо сурат гирифта шуда, тадбирҳои мушаххас роҳандозӣ мегарданд. Масъалаи ифротгароию тундгароӣ ва хатарҳои ба он вобаста ҳамеша мавриди таваҷҷуҳи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қарор дорад. Сарвари кишвар ин масъаларо зимни маърӯза ва баромадҳои худ дар чорабиниҳои сатҳи байналмилалию минтақавӣ ва маҳаллӣ пайваста мавриди ҳаллу фасл гузоштаанд. Аз ин лиҳоз, имкониятҳои тамоми мақомоти дахлдори кишвар барои аз байн бурдани чунин ҳолати ногувор ва андешидани чораҳои таъхирнопазир равона карда шудааст.

Ба гуфтаи Ҷ. Назарзода асоси ҳуқуқии мубориза бар зидди ифротгароиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Конститутсия, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди ифротгароӣ» ва санадҳои дигари қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва асноди ҳуқуқи байналмилалӣ, ки аз тарафи Тоҷикистон эътироф шуданд, ташкил медиҳанд. Соли 2003 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди ифротгароӣ» қабул карда шуд, ки мақсади он, пеш аз ҳама, риоя кардан ва ҳимоя намудани ҳуқуқ ва озодиҳои инсон, асосҳои сохти конститутсионӣ, таъмини якпорчагӣ ва амнияти Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Мавсуф илова намуд, ки имрӯз беш аз 100 кишвари дунё гирифтори амалу тахрибкориҳои террористию ифротгароӣ гаштааст. Чунончи, танҳо соли 2017 дар Афғонистон бар асари фаъолияти ин ҳизбу ҳаракатҳо ва амалҳои террористӣ беш аз 10 ҳазор нафар аҳолии осоишта зарар дида, тақрибан 4 ҳазор нафар қурбон шудаанд, ки 32 фоизи қурбониён ва 53 фоизи маҷрӯҳонро занону кӯдакон ташкил додааст. Ё худ агар солҳои пеш дар Афғонистон дар қатори ҷангҷӯёни ҳаракати "Толибон" намояндагони 15 кишвар ба қайд гирифта шуда бошанд, ҳоло дар сафҳои ДИИШ ва дигар гурӯҳҳои террористӣ ҷангиён- шаҳрвандони беш аз 100 давлат мушоҳида карда мешавад, ки аз хусусияти ҷаҳонӣ гирифтани ин падида дарак медиҳад. Аз ҷониби дигар, тибқи маълумот, ҷангиёни гурӯҳҳои террористие, ки дар Ироқу Сурия ҷойгиранд, то ба 100 ҳазор нафар расида, дар натиҷаи амалиётҳои зиддитеррористӣ як қисми онҳо, аллакай, нобуд карда шуданд.

- Имрӯз ҷомеаи кишвар пушти ҳаллу фасли омилҳои шомилшавии ҷавонон ба ҳизбу ҳаракатҳои ифротӣ ва пешгирии онанд, - мегӯяд Ҷ. Назарзода, - Яке аз воситаҳои асосии пайвастани ҷавонони кишвар ба ин раванд муҳоҷират ба ҳисоб меравад. Намояндагони гурӯҳҳои террористӣ дар навбати аввал, бо муҳоҷирони гумроҳ сари кор гирифта бо фиребу найранг онҳоро ба ин роҳ тела медиҳанд. Ҳолати дигар, таълимоти ғайрирасмии динӣ дар хориҷи кишвар мебошад, ки дар айёми таҳсил аз ҷониби эмиссарҳои ташкилотҳои террористӣ муҳассилини тоҷик ҷалб гардида, ба амалиётҳои ҷангӣ сафарбар мешаванд. Дигар воситаи таъсиррасон ба шомилгардии ҷавонон ба гурӯҳҳои ифротӣ ин истифодаи васеи сомонаҳои интернетӣ мебошад, ки тавассути он созмонҳои экстремистӣ ва террористӣ бо паҳн кардани сабтҳои видеоӣ, наворҳои таблиғотӣ ба равони ҷавонон таъсир карда, тарафдорони худро зиёд ва онҳоро ба ҷиҳод ва ҷанг даъват менамоянд.

Тоҷикистон аз назари демографӣ дар ҳоли рушди доимӣ қарор дорад ва аз нисф зиёди аҳолӣ, яъне қувваи асосии пешбарандаи онро ҷавонон ташкил медиҳанд. Бинобар ин, Президенти кишвар, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон масъалаи наврасону ҷавонон ва ҳалли мушкилоти ҳаёти онҳоро яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати иҷтимоии давлат эълон кардаанд. Аммо, новобаста ба кӯшишу дастгириҳои ҳамаҷонибаи давлат ва ҳукумат, ҳоло ҳам мушкилоти ҷавонон, яъне ба мазҳабу равияҳои бегона шомил гардидани баъзе аз онҳо ҷой доранд.

Имрӯз стратегияи пешгирии фаъолияти экстремистӣ ба таҳким ва ҳамгироии таъсири тарбиявии оила, мактаб, муассисаҳои таълимии касбии сатҳи гуногун, ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва васоити ахбори омма равона шудааст.

Ба хотири таъмини шароити мусоиди донишандӯзии наврасону ҷавонон солҳои охир аз тарафи давлат ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон корҳои зиёде ба сомон расонида шуданд: ба монанди таъмиру таҷдиди мактабҳо, сохтмони муассисаҳои таълимии наву замонавӣ, сифати чопи китобҳои дарсӣ ва дастрасии онҳо, компютеркунонии муассисаҳои таълимӣ амалӣ гардонида шуда, Китобхонаи миллӣ бо таҷҳизоту технологияи пешрафтатарин ба истифода дода шудааст.

Дар шароити кунунӣ ҳар як фарди соҳибмаърифат ва соҳибватан, падару модарон, намояндагони тамоми табақаҳои ҷамъият ва мақомотҳои дахлдорро зарур аст, ки дар ин кори масъулиятнок дар канор набошанд, дар тарбияи насли наврас ва ҷавонон аҳамияти ҷиддӣ зоҳир намоянд. Аз ҷониби дигар, пешгирӣ намудани ҳама гуна аъмоли ифротгароёна яке аз омилҳои муҳими ҳифзи ваҳдати миллӣ, суботу оромии ҷомеа ва рушду инкишофи давлати миллӣ ба ҳисоб меравад.

**Мазҳаб ҶУМЪА**


# ОБУНА БА РӮЗНОМАИ «БОҶУ ХИРОҶ»

## БАРОИ СОЛИ 2020 ИДОМА ДОРАД

Нашрияи Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

Ба «Боҷу хироҷ» бо чашми хирад, чашми нек ва чашми дурбин нигаред ва ҳамрозу ҳамсадо бошед!

**65 СОМОНӢ**

*нархи яксолаи обуна ба рӯзномаи «Боҷу хироҷ»*



СУРОҒАИ МО:
ш.Душанбе, хиёбони Н.Қаробоев 42/3, бинои Раёсати андози шаҳри Душанбе
**Телефон:** (2)33-08-41

СУРАТҲИСОБИ РӮЗНОМАИ «БОҶУ ХИРОҶ»:
р/сч 20202972000266101000
кор/сч 20402972316264
МФО 350101626 БДА ҶТ
«Амонатбонк» дар шаҳри Душанбе
РМА 030007408

## ЭЪЛОН

### МУҲТАРАМ ШАҲРВАНДОН ВА АНДОЗСУПОРАНДАГОН!

Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати сарфаи вақти корӣ ва бе ҳозир шудан ба нуқтаҳои хизматрасонии "Амонатбонк" қабули андозҳо аз молу мулки ғайриманқули шахсони воқеиро дар шакли ғайринақдӣ тавассути POS – терминалҳо ба роҳ мондааст.

Хотиррасон мешавем, ки ҳангоми пардохт намудани маблағи андозҳо шаҳрвандон ба андозсупорандагон бо чиптаҳои пардохт таъмин ва ҳамзамон маблағҳои пардохтшуда ба таври автоматӣ дар ҳисобварақаи онҳо сабт мегардад.

Аз ин лиҳоз, шаҳрвандон ва андозсупорандагон бо истифода аз тартиби мазкур, метавонанд андозҳо аз молу мулки ғайриманқули худро минбаъд дар шакли ғайринақдӣ дар нозиротҳои андози маҳалли қайди худ бо истифода аз кортҳои бонкӣ пардохт намоянд.

**Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон**

## ЭЪЛОН

### БА ДИҚҚАТИ ШАҲРВАНДОН ВА АНДОЗСУПОРАНДАГОН!

Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз шаҳрвандон ва соҳибмулконе, ки дорои объектҳои молу мулки ғайриманқул, ба монанди хонаҳои истиқоматӣ, ҳавлӣ, гаражҳо, биноҳо, иморатҳо, бӯстонсароҳо, дигар биною иморатҳо ва қитъаҳои замин мебошанд, хоҳиш менамояд, ки маблағҳои ҳисобшудаи андоз аз молу мулки ғайриманқул ва замини наздиҳавлигии худро сари вақт ба буҷети давлатӣ пардохт намоянд.

Хотиррасон менамоем, ки дар сурати пардохт накардани маблағи андоз аз молу мулки ғайриманқул ва қитъаҳои замин рӯйхати шаҳрвандон ва соҳибмулкони аз андоз қарздор дар матбуоти даврӣ ба чоп мерасад ва ҳамчунин тибқи тартиби муқарраргардидаи қонунгузорӣ нисбати маблағҳои пардохтнашуда фоизҳо ҳисоб мегарданд.

**Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон**

## ҚАРЗ ЗИЛЛАТ АСТ

# Таъхир – сабаби афзоиши бақияи қарз

Сарфи назар аз корҳои зиёди фаҳмондадиҳӣ ҳам бақияи қарзҳо дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон рӯ ба афзоиш доранд. Муовини сардори Раёсати андози вилоят Лутфишо Азизбеков мегӯяд, ки ба ҳолати 10 сентябри соли равон маблағи бақияи қарзи андоз 2523974 сомониро ташкил дод, ки нисбат ба аввали сол 10998 сомонӣ афзудааст. Дар ин давра нозиротҳои андози шаҳру ноҳияҳои Хоруғ, Дарвозу Ишкошим аз ҳама бештар ба афзоиши бақияи қарзи андоз роҳ доданд. Яке аз сабабҳои асосии афзоиши бақияи қарзи андоз ин аз сӯи фармоишгарон ба суратҳисоби корхонаҳо интиқол надодани маблағ мебошад. Санҷишҳои мутахассисони нозиротҳои андоз низ собит намуданд, ки дар суратҳисоби ин корхонаҳо, воқеан, маблағи кофӣ ирсол нагардидааст.

Бо мақсади коҳиш додани бақияи қарз нисбат ба андозсупорандагони қарздор мутобиқи қонунгузорӣ чораҳои зарурӣ андешида мешавад, ки яке аз ин тадбирҳо ин иҷборан ситондани қарзи андоз мебошад. Дар давоми 8 моҳ ба 23 андозсупоранда ба маблағи 1253242 сомонӣ огоҳиномаҳо ирсол гардидааст, ки дар натиҷа, 710320 сомонӣ ба буҷет ворид карда шуд.

Дар ин давра нисбат ба 135 анозсупоранда ба маблағи 129832 сомонӣ ҷаримаи маъмурӣ баста шуда, маблағи мазкур пурра ба буҷет ворид гардидааст. Ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ назар ба ҳамин давраи соли гузашта коҳиш ёфтааст. Ҷарима низ ба маблағи 179371 сомонӣ камтар татбиқ шудааст. Бо мақсади ситондани қарзи андозҳо дар ин муддат 3 баҳси судӣ ба маблағи 222888 сомонӣ баргузор шуда, 114723 сомонӣ ба буҷет ворид шуд. Ҳамчунин, барои сари вақт насупурдани андозҳо амалиёти санҷишӣ гузаронида, суратҳисоби 12 ташкилоти қарзӣ ба маблағи 1850855 сомонӣ боздошта шуд ва дар натиҷаи ин амалиёт 1235477 сомонӣ ба буҷет ворид гардид.

Алҳол дар ҳудуди вилоят 2 ҳазору 240 шахси ҳуқуқӣ сабти ном карданд. Аз инҳо 4 филиал, 16 мақомоти давлатӣ ва хориҷӣ, 3258 соҳибкори инфиродии бо патент ва шаҳодатнома фаъолияткунанда, 464 хоҷагии деҳқонӣ бе таъсиси шахси ҳуқуқӣ мебошанд. Дар ҳашт моҳи соли ҷорӣ 6 шахси ҳуқуқӣ ва 274 соҳибкори инфиродӣ фаъолияташонро қатъ намудаанд.

Дар нозиротҳои андоз бо андозсупорандагон семинар-машваратҳо корҳои фаҳмондадиҳӣ гузаронида шуданд. Таъкид гардид, ки мақомоти андоз ба ҳеҷ ваҷҳ намехоҳанд, ки ин ё он соҳибкор ё корхона варшикаста гардад. Зеро аз варшикастагии ҳатто як корхонаи хурд ҳам худи шахсони ҳуқуқию воқеӣ зарар мебинанду ҳам буҷети давлатӣ. Аз ин рӯ, мақомоти андоз дар доираи қонунгузории андоз барои ҳамкорӣ бо ҳар як соҳибкор ба мақсади рушду тавсеаи фаъолияташ ҳамеша омода мебошад.

**Довари БОВАР**

### БАРҲАМ МЕХӮРАД

■ ЧДММ «Ошхонаи Қалб» (РЯМ 0410025831) воқеъ дар ноҳияи Сино, барҳам мехӯрад. Ҳамаи арзу шикоятҳо муддати 2 моҳ қабул карда мешаванд.

■ Кооперативи тиҷоратии «Махфи и Компания» (РЯМ 1610001516) воқеъ дар ноҳияи Шаҳринав, барҳам мехӯрад.

■ Ассотсиатсияи ҷамъиятҳои сохтмони Кӯлоб -2700 (РМА 180008582) воқеъ дар шаҳри Кӯлоб, барҳам мехӯрад.

■ ЧДММ «Тоҷикэлектроника» (РЯМ 0210020690) воқеъ дар ноҳияи И.Сомонӣ, барҳам мехӯрад. Ҳамаи арзу шикоятҳо муддати 2 моҳ қабул карда мешаванд.

■ ЧДММ «Навруз-Р» (РЯМ 0410000186) воқеъ дар ноҳияи Сино, барҳам мехӯрад. Ҳамаи арзу шикоятҳо муддати 2 моҳ қабул карда мешаванд.

## ЭЪЛОН

### СОҲИБКОРОНИ МУҲТАРАМ!

Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба маълумоти шумо мерасонад, ки дар асоси қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тасдиқи Қоидаҳои андозбандии соҳибкорони инфиродие, ки дар асоси патент ё шаҳодатнома фаъолият менамоянд» аз 31.08.2012, №451 шахси воқеие, ки ба фаъолияти соҳибкорӣ машғул мебошад, уҳдадор аст фаъолияти худро ҳамчун соҳибкори инфиродӣ дар асоси патент ва ё шаҳодатнома ба қайди давлатӣ гирад.

Бақайдгирӣ дар нозироти андоз имконият медиҳад, ки давраи фаъолияти шумо ҳамчун собиқаи корӣ ба ҳисоб гирифта шуда, тибқи тартиби муқарраргардида ҳифзи иҷтимоиатон таъмин шавад.

Хотиррасон менамоем, ки дар асоси талаботи Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои машғул шудан ба фаъолияти соҳибкорӣ бе бақайдгирӣ дар мақомоти андоз аз 30 то 40 нишондиҳанда барои ҳисобҳо, яъне аз 1650 сомонӣ то 2200 сомонӣ ҷарима пешбинӣ гардидааст.

**Кумитаи андози назди Ҳукумати Точикистон**

### ЭЪТИБОР НАДОРАД

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Қараев Алижон (РЯМ 0930136158) аз шаҳри Ҳисор, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Хоҷаева Гулазор (РЯМ 7030018637) аз шаҳри Хоруғ, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Иқтибос аз Феҳристи ягонаи давлатии соҳибкори инфиродӣ Гурезов Хурсанд (РЯМ 0430241240) аз ноҳияи Сино, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Муҳри даврашакли мутааллиқ ба ҶДММ «М СЕРВИС» (РЯМ 0410024881) аз ноҳияи Сино, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Муҳри даврашакли мутааллиқ ба ҶДММ «ЮНИКОМ» (РЯМ 0810002146) аз ноҳияи Рашт, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатномаи соҳибкори инфиродӣ Эроншоев Амоншо (РЯМ 7030026649) аз шаҳри Хоруғ, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Мошини назоратӣ-хазинавии тамғаи МИНИКА-1105 Ф №2003829 мутааллиқ ба Азизов Абдулқосим (РЯМ 0330068530) аз ноҳияи Фирдавсӣ, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатномаи бақайдгирии мутааллиқ ба Х/Д «ДОНА» (РЯМ 1730001286) аз ноҳияи Сангвор, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатномаи соҳибкори инфиродӣ Гургалиев Рустам (РЯМ 0330098203) аз ноҳияи Фирдавсӣ, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатномаи соҳибкори инфиродӣ Ёров Одина (РЯМ 0630006685) аз шаҳри Роғун, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатномаи соҳибкори инфиродӣ Наҷбудинов Ҳайдар (РЯМ 0630014147) аз шаҳри Роғун, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Муҳамадиева Зулпия (РЯМ 0730187425) аз шаҳри Турсунзода, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Раҳимов Мирзоалӣ (РЯМ 0330021377) аз ноҳияи Фирдавсӣ, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Бураков Ҷамшед (РЯМ 3730068861) аз ноҳияи Панҷ, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Фозилова Гулшан (РЯМ 6230171567) аз шаҳри Истаравшан, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатномаи соҳибкори инфиродӣ Ҳайдаров Саид (РЯМ 6230032509) аз шаҳри Истаравшан, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатномаи бақайдгирии мутааллиқ ба КИ Х/Д «Бекмуродбобо» (РЯМ 6210003608) аз шаҳри Истаравшан, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

## НАЛОГИ ЗА РУБЕЖОМ

# Граждан России заставят платить за хранение валюты

### Соответствующий законопроект Госдума рассмотрит уже в октябре

**ЦБ РФ предложил коммерческим банкам ввести отрицательные ставки на вклады в валюте. Данная инициатива будет обсуждаться в Госдуме уже в октябре, сообщает «Рамблер/Финансы» со ссылкой на газету «Известия».**

Глава комитета Госдумы по финансовому рынку Анатолий Аксаковзаявил, что речь идёт о валютных вкладах во всех зарубежных денежных единицах. Инициатива Банка России связана с общеевропейским трендом: в ЕЦБ депозитная ставка составляет минус 0,5%. Изначально в европейских странах мера вводилась как временная, но держится уже несколько лет.

Российские финансовые организации пока относятся к возможному нововведению с осторожностью: ждут устойчивой законодательной базы. По мнению аналитиков, введение отрицательных ставок на валютные вклады не является чем-то экстраординарным. Главный стратег компании «Антон» Александр Кудрин отметил, что в Европе мера вводилась из-за замедления экономического роста. Скорей всего, такие же причины привели Центробанк России к подобному решению.

http://taxpravo.ru

АЗ ТАЪРИХИ АНДОЗ

## § 3. РИВОҶ ЁФТАНИ ИСЛОҲОТИ АНДОЗ ВА РУШДИ НИЗОМИ МИЛЛИИ АНДОЗ (СОЛҲОИ 1999 -- 2006)

**(Аввалаш дар шумораҳои гузашта)**

Маблағи андоз ба таври мустақим аз гардиши моли хоҷагии соҳибкор вобаста аст. Барои бо суғуртаи иҷтимоӣ таъмин гардидан соҳибкорони инфиродӣ бояд номашонро дар Фонди ҳифзи иҷтимоӣ сабт бикунанд ва дар ҳар як семоҳа оид ба даромади софи худ эъломия пешниҳод намоянд. Аз даромади соф дар ҳаҷми 20 % андоз барои ҳифзи иҷтимоӣ месупоранд.

Дар асоси натиҷаҳои воқеии кору фаъолият ва даромади соф андозбандӣ шудани соҳибкори инфиродӣ афзалияти ин навъ андозбандӣ мебошад. Ин навъ андозбандӣ нисбат ба патент гирифтан мақбултар аст, барои рушди соҳибкории инфиродӣ дар минтақаҳои гуногуне, ки қобилияти пардохт ба ин ё он навъи фаъолияти соҳибкорӣ якранг нест, мусоидат менамояд. Ба асари тадриҷан ҷорӣ кардани дигаргунсозиҳои муносибатҳои бозаргонӣ иқтисодиёти миллии Тоҷикистон дар солҳои охир тағйироти ҷиддиро аз сар гузаронида, ба иқтисодиёти омехтаи дорои шаклҳои гуногуни хоҷагидорӣ табдил ёфта истодааст. Дар иқтисодиёт сектори хусусӣ мақоми баланд дорад, дар баробари ин баъзе равандҳои иҷтимоиву иқтисодӣ аз ҷониби давлат танзим мешаванд. Иқтисодиёти Тоҷикистон хусусияти иҷтимоӣ дорад, пурсамар аст ва дарҳояш ба ҷаҳони хориҷа бозанд. Агар принсипи ба низоми умумӣ мувофиқ будани низоми андоз ба инобат гирифта шавад, пас зарур аст, ки низоми ҳозира ва амалкунандаи андоз такмил дода шавад ва сиёсати нави андози ҷавобгӯи ҳадафҳо ва вазифаҳои пешрафти иҷтимоиву иқтисодии кишварро дар шароити имрӯза ба миён бояд оварад. Такомули низоми мавҷуда ва амалкунандаи андозбандӣ дар Тоҷикистон бояд дар самти паст кардани бори андоз, таъмини адолати иҷтимоӣ, ба вуҷуд овардани шароити хуб барои инвеститсияҳо, ҳифзи истеҳсолкунандагони (соҳибкорони) дохилӣ сурат бигирад.

Ин зарурати воқеиро (объективиро) дарк намуда, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2003 комиссияи босалоҳияти байнисоҳавиро оид ба таҳияи лоиҳаи таҳрири нави Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дод. Комиссия бо дарназардошти таҷрибаи андӯхташуда аз амали Кодекси андози соли 1998 қабулшуда ва зиёда аз 100 тағйиру иловаҳои ба он дохил кардашуда, инчунин таҷрибаи мамлакатҳои дигар, моҳи марти соли 2004 Лоиҳаи нави Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистонро омода сохт. Моҳи марти соли 2004 дар ҷумҳурӣ муҳокимаи умумихалқии он оғоз ёфт.

**(Давом дорад)**

**Манбаъ: Тоҳир ИСЛОМОВ**
**«Аз таърихи молия, андоз ва ташаккулёбии низоми андозбандӣ дар Тоҷикистон»**

# ОЁ МЕДОНЕД?

Миқдори умумии забонҳои дунё қариб ба 6500 мерасад. Инчунин, бо зиёда аз 2000 забон, камтар аз ҳазор нафар одам сухан меронанд.

xxx

СММ дорои 6 забони расмӣ мебошад: англисӣ, фаронсавӣ, арабӣ, хитоӣ, русӣ ва испанӣ.



xxx

Китобе, ки аз ҳама зиёдтар тарҷума шудааст, Инҷил мебошад.

xxx

Мувофиқи «Китоби рекордҳои Гиннес», дарозтарин палиндром (калимае, ки аз ду тараф як хел хонда мешавад) калимаи финии «SAIPPUAKIVIKAUPPIAS» (фурӯшандаи собун) ба ҳисоб меравад.

xxx

Зиёдтарин миқдори ҳарфҳо дар алифбои кхмерӣ мавҷудаст. Алифбои кхмерӣ дорои 72 ҳарф мебошад. Ин забон ба «Китоби рекордҳои Гиннес» дохил гардидааст.

## Суханони ҳакимона

Рамзҳои давлатӣ ҳастӣ ва ифтихори миллии мо буда, таҷассумгари ифтихори миллӣ ва ору номуси ватандорӣ мебошанд.

xxx

Забон хишти аввалини кохи миллат буда, яке аз рукнҳои асосии давлат ва нахустунсури тафаккури миллӣ мебошад.

xxx

Танҳо забон аст, ки дар ҳама давру замон таърихи воқеӣ ва ростини миллатро дар ҳофизаи худ нигоҳ медорад.

xxx

Вазифаи ҳар як фарди бонангу номус ҳифзу эҳтиром ва гиромӣ доштани забони давлатӣ аст. Зеро бузургтарин вазифаи ҳар фарди худогоҳу ватандӯст, ки бо фарҳангу забони худ эҳтиром мегузорад, поку беолоиш нигоҳ доштани ин ганҷи бебаҳо ва ба наслҳои ояндаи бегазанд ба мерос гузоштани ин забони шевою шоирона мебошад.

## Панди рӯзгор

Падаре мехоҳад фарзандашро ба китобхонӣ одат бикунонад. Аз ин хотир ба духтараш китоберо дод ва фармуд:



- Духтарам! Агар ин китобро бихонӣ, бароят 5 сомонӣ медиҳам.

Пешниҳод барои фарзанд хуш омад. Кӯдак китобхониро дӯст намедошт. Аз ин хотир китобро нахонд. Аз модараш, ки қаблан китобро хонда буд, хоҳиши мухтавои китобро намуд. Модараш нақл кард. Фарзанд баъди чанд рӯз назди падар омад ва гуфт:

- Падар, китобро хондам.

Падар хоҳиш кард, ки каме нақл кунад. Фарзанд ҳам нақл намуд ва ҳадяи китобхониро талаб кард. Падар гуфт:

- Ту ин китобро нахондӣ. Маро фиреб мекунӣ. Агар китобро мехондӣ, панҷ сомонии дар дохили китоб гузоштаи маро медидӣ.

**Падарону модарон кӯшиш бикунанд, ки ҳамеша китоб бихонанд. Ин беҳтарин таблиғи китобхонӣ барои фарзандон хоҳад буд.**

## 28 сол – бунёди як китобхона



Людовики XIV де Бурбон 72 сол тӯлонитар аз дигар шоҳони аврупоӣ, ҳукмронӣ кардааст. Ӯ дар соли 1663 амр медиҳад, ки барои тарбияи писараш – Людовики бузург Дофина китобхонаи адабиёти классикӣ бисозанд, то аз ҳар гуна ибораву ифодаҳои беназокат орӣ бошад. Аммо сохтмони китобхона 28 сол баъд, замоне ба анҷом расид, ки худи писараш, аллакай, соҳиби фарзанд шуда буд.

## САНГПУШТИ 121-СОЛА

Сангпушти сокини америкоӣ Шейла Флорис, ки Томми ном дорад, 121 – сола шуд. Шейла мегӯяд, ки сангпуштро модаркалонаш Маргарет Клуонан соли 1909 ба маблағи як фунт - стерлинг харида буд. Он вақт сангпушт 11 сол дошт. Ин ҷонвар дар замони ду ҷанги ҷаҳонӣ, шаш монархи гуногун ва ҳукмронии бисту як президенти ИМА зиндагӣ кардааст. Ӯ сабаби дарозумрии сангпуштро дар истеъмоли рустаниҳои табиии боғ, хусусан қоқу медо-



над ва мегӯяд: «Томми соле шаш моҳ хоб меравад ва дар рӯзи 1 апрел, ки зодрӯзи ман аст, бедор мешаваду хурсандии маро дучанд меафзояд».

## Тиҷорати ғайриодӣ



Баъд аз он ки қисмати шимолии Чинро қабати ғафси гази захролуд пӯшонд, бошандагони шаҳри Пекин аз норасоии ҳавои тоза ранҷ мекашиданд.

Берун баромадани аҳолӣ бидуни даҳонпӯш ғайриимкон гашт. Дар ин ҳол маҷбур буданд, ки ҳар дафъа барои аз хона берун омадан, ба маблағи 80 сент даҳонпӯш бихаранд. Ин боиси пайдо шудани андешаи нави соҳибкори таҳҷоӣ Чэн Гуанбяо, гардид. Ӯ ҳавои тозаро дар зарфчаҳои махсус пур карда, ба савдо баровард. Аз тиҷорати ғайриодии хеш на танҳо мушкилоти мардумро осон кард, балки маблағи хуб низ ба даст овард.

Боҷу хироҷ
МУАССИС: КУМИТАИ АНДОЗИ НАЗДИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
Сармуҳаррир Фарзона ШАРИФӢ

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ ВА МУШОВАРА:
ДАВЛАТЗОДА Н. М. - Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон; ҚАҲҲОРЗОДА Ф. С. - Вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон; СОЛЕҲЗОДА А. М. - муовини аввали Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон; МЕЛИКЗОДА К.Н. - муовини Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон; ЮСУФӢ П. С. - ёрдамчии Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон; НАБИЕВ Б. - сардори Раёсати таъмини ҳуқуқии Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон; НУРЗОДА Ҷ. - сардори Раёсати хизматрасонӣ ба андозсупорандагони Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон; ВОҲИДОВ А. - котиби масъули рӯзномаи «Боҷу хироҷ»; НИГМАТОВ М. - сардори шуъбаи иқтисод, буҷет ва андози рӯзномаи «Боҷу хироҷ».

Дар ҳафтанома ба хотири гуногунандешӣ маводи мухталиф низ нашр мешавад, ки идораи ҳафтанома метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад.

Ҳафтанома дар Вазорати фарҳанги ҷумҳурӣ таҳти рақами 597 номнавис шудааст.

Ҳафтанома бо шаҳодатномаи №0310003650 дар Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайди давлатӣ гирифта шудааст.

Тел: 233-08-41 (мухбирон),
44-600-41-76 (шуъбаи эълон ва обуна)

Навбатдор: Неъматулло ЗОИРЗОДА

Таррох: Сафаралӣ САТТОРОВ

*Суроға: ш. Душанбе, х. Н. Қарабоев 42/3, бинои Раёсати андоз дар шаҳри Душанбе*

**Индекс: 68930**

Рӯзнома дар нашриёти «Шарқи озод» чоп шудааст.

Теъдод: 78 856